# КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (Қисми сеюм)

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2005, №3, мод. 124; с. 2012, №7, мод. 690)


Фасли V. Моликияти зеҳнӣ....3
Боби 57. Муқаррароти умумӣ оид ба моликияти зеҳнӣ....3
Моддаи 1125. Мафҳуми моликияти зеҳнӣ....3
Моддаи 1126. Объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ....3
Моддаи 1127. Ба миён омадани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ....3
Моддаи 1128. Мазмуни ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ....3
Моддаи 1129. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи моликият ба ҳомили моддӣ....4
Моддаи 1130. Ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ....4
Моддаи 1131. Ҳуқуқи амволии моликияти зеҳнӣ....4
Моддаи 1132. Мӯҳлати амали ҳуқуқи амволӣ....4
Моддаи 1133. Гузаштани ҳуқуқи амволӣ....5
Моддаи 1134. Объектҳои хизматии моликияти зеҳнӣ....5
Моддаи 1135. Ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳние, ки ҳангоми иҷрои қарордодҳои (фармоишҳои) давлатӣ таъсис ёфтаанд....5
Моддаи 1136. Татбиқи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ....5
Моддаи 1137. Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ....5
Моддаи 1137[1]. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ....6
Фасли VI. Ҳуқуқ ба мерос....6
Боби 58. Муқаррароти умумӣ оид ба меросгузорӣ....6
Моддаи 1138. Ворисии ҳуқуқ ба мерос....7
Моддаи 1139. Асосҳои ворисӣ (меросхӯрӣ)....7
Моддаи 1140. Бамеросгирии амволе, ки моликияти муштараки умумӣ мебошад....7
Моддаи 1141. Ворисии ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ....7
Моддаи 1142. Кушодани мерос....7
Моддаи 1143. Маҳали кушодани мерос....7
Моддаи 1144. Ворисон....8
Моддаи 1145. Аз мерос бартараф намудани ворисони ношоиста....8
Моддаи 1146. Ӯҳдадориҳои шахсе, ки вориси ношоиста эътироф шудааст....8
Моддаи 1147. Мӯҳлати пешниҳоди даъво дар хусуси вориси ношоиста эътироф намудан....8
Моддаи 1148. Афзун гардонидани ҳиссаи меросӣ....8
Моддаи 1149. Гузаштани мерос ба давлат....8
Боби 59. Меросгирӣ бо васиятнома....9
Моддаи 1150. Муқаррароти умумӣ....9
Моддаи 1151. Таъини ворисони иловагӣ....9
Моддаи 1152. Супориши васияткунандаи мерос (легат)....9
Моддаи 1153. Гузаштани супориши васияткунандаи мерос ба ворисон....10
Моддаи 1154. Мӯҳлати иҷрои супориши васияткунандаи мерос....10
Моддаи 1155. Базиммагузорӣ....10
Моддаи 1156. Меросгирии қисми амволе, ки васиятнокарда мондааст....10
Моддаи 1157. Қоидаҳои умумии шакли васиятнома....10
Моддаи 1158. Васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда....11
Моддаи 1159. Васиятномаи бо васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда баробар....11
Моддаи 1160. Бекор кардан ва тағйир додани васиятнома....12
Моддаи 1161. Махфӣ будани васиятнома....12
Моддаи 1162. Шарҳи васиятнома....12
Моддаи 1163. Беэътибор будани васиятнома....12
Моддаи 1164. Иҷрои васиятнома....12
Боби 60. Меросгирӣ мутобиқи қонун....13
Моддаи 1165. Муқаррароти умумӣ....13
Моддаи 1166. Навбати аввали ворисони қонунӣ....13
Моддаи 1167. Навбати дуюми ворисони қонунӣ....13
Моддаи 1168. Навбати сеюми ворисони қонунӣ....13
Моддаи 1169. Меросгирӣ бо ҳуқуқи пешниҳод....14
Моддаи 1170. Мӯҳтоҷони корношоями меросгузор....14
Моддаи 1171. Ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмии мерос....14
Моддаи 1172. Ҳуқуқи ҳамсарон ҳангоми меросгирӣ....14
Моддаи 1173. Ҳифзи мерос ва идораи он ҳангоми мероси қонунӣ....14
Боби 61. Қабул ва даст кашидан аз мерос....15
Моддаи 1174. Қабули мерос....15

Моддаи 1175. Ба ворисон гузаштани ҳуқуқи гирифтани ҳиссаи мерос (трансмиссияи ворисӣ)..............................15
Моддаи 1176. Додани шаҳодатномаи ҳуқуқи меросгирӣ..........15
Моддаи 1177. Дароз намудани мӯҳлат барои қабули мерос..........15
Моддаи 1178. Имконнопазирии ихтиёрдории мерос..........16
Моддаи 1179. Ҳуқуқи аз мерос даст кашидан..........16
Моддаи 1180. Маҳдудкунии ҳуқуқи досткашӣ аз мерос..........16
Моддаи 1181. Ҳуқуқи даст кашидан аз гирифтани супориши васияткунандаи мерос..........16
Моддаи 1182.Тақсими мерос..........16
Моддаи 1183. Ҳуқуқи ворисони ғоиб..........17
Моддаи 1184. Меросгирии корхона..........17
Моддаи 1185. Ҳуқуқи бартарии ворисони алоҳида ба амволи ба мерос воридшаванда..........17
Моддаи 1186. Хароҷоте, ки аз ҳисоби мерос бояд пардохта шавад..........17
Моддаи 1187. Аз тарафи кредиторҳо рӯёнидани қарзҳои меросгузор..........17
Моддаи 1188. Мӯҳлати пешниҳоди талаботи кредиторҳо..........18
Боби 62. Ҳифзи амволи меросӣ..........18
Моддаи 1189. Чораҳо оид ба ҳифзи амволи меросӣ..........18
Моддаи 1190. Ӯҳдадории мақоми нотариалӣ ё мақоми ба он баробаркардашуда оид ба ҳифзи мерос..........18
Фасли VII. Ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ..........18
Боби 63. Муқаррароти умумӣ..........18
Моддаи 1191. Муайян кардани ҳуқуқҳое, ки бояд дар муносибатҳои шаҳрвандию ҳуқуқии бо унсурҳои хориҷӣ мураккабгардида татбиқ шаванд..........18
Моддаи 1192. Бандубасти мафҳумҳои ҳуқуқӣ (бандубасти ҳуқуқӣ)..........18
Моддаи 1193. Муқаррар намудани мазмуни меъёри ҳуқуқи хориҷӣ..........19
Моддаи 1194. Ҳаволаи бозгашт ва ҳавола ба ҳуқуқи кишвари сеюм..........19
Моддаи 1195. Татбиқи ҳуқуқи кишвари дорои ҳуқуқи бисёрсистемагӣ..........19
Моддаи 1196. Истифодаи мутақобила..........19
Моддаи 1197. Қайду шарт дар бораи тартиби оммавӣ..........19
Моддаи 1198. Татбиқи меъёрҳои ҳатмӣ (императивӣ)..........19
Моддаи 1199. Маҳдудиятҳои ҷавобӣ (реторсияҳо)..........20
Боби 64. Меъёрҳои коллизионӣ..........20
Моддаи 1200. Қонуни шахсии шахси воқеӣ..........20
Моддаи 1201. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобили амал будани шахси воқеӣ..........20
Моддаи 1202. Бедарак ғоибшуда ё фавтида эълон намудани шахси воқеӣ..........20
Моддаи 1203. Номи шахси воқеӣ..........20
Моддаи 1204. Бақайдгирии санадҳои ҳолати шаҳрвандии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон..........21
Моддаи 1205. Эътирофи ҳуҷҷатҳое, ки мақомоти давлати хориҷӣ барои тасдиқи санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ додаанд..........21
Моддаи 1206. Қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ..........21
Моддаи 1207. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси ҳуқуқӣ..........21
Моддаи 1208. Иштироки давлатҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандии дорои унсурҳои хориҷӣ..........21
Моддаи 1209. Ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ ва ҳифзи онҳо..........21
Моддаи 1210. Шакли аҳдҳо..........21
Моддаи 1211. Ваколатнома..........22
Моддаи 1212. Мӯҳлати даъво..........22
Моддаи 1213. Муқаррароти умумӣ оид ба ҳуқуқе, ки нисбат ба ҳуқуқи ашё татбиқ карда мешавад..........22
Моддаи 1214. Ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқи ашё..........22
Моддаи 1215. Ҳуқуқи ашё ба воситаҳои нақлиёт ва амволи дигаре, ки бояд ба феҳристи давлатӣ ворид карда шаванд..........22
Моддаи 1216. Ҳуқуқи ашё ба амволи манқули дар роҳ қарордошта..........22
Моддаи 1217. Ҳифзи ҳуқуқи ашё..........23
Моддаи 1218. Интихоби ҳуқуқ бо созишномаи тарафҳои шартнома..........23
Моддаи 1219. Ҳуқуқе, ки ҳангоми набудани созиши тарафҳо бо шартнома татбиқ карда мешавад..........23
Моддаи 1220. Ҳуқуқе, ки ба шартнома дар бораи таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо иштироки хориҷиён татбиқ мешавад..........24
Моддаи 1221. Ҳуқуқе, ки барои гузашткунии талабот ва гузаронидани қарз татбиқ карда мешавад..........24
Моддаи 1222. Доираи амали ҳуқуқи татбиқшаванда..........24
Моддаи 1223.Ӯҳдадорӣ аз аҳдҳои яктарафа..........25
Моддаи 1224. Татбиқи ҳуқуқ оид ба муносибатҳои пардохти фоизҳо..........25
Моддаи 1225. Ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба миён меоянд..........25
Моддаи 1226. Соҳаи амали ҳуқуқи татбиқшаванда ба ӯҳдадориҳои дар натиҷаи расонидани зарар ба миёномада..........25
Моддаи 1227. Ҷавобгарӣ барои зарари ба истеъмолкунанда расонидашуда..........25
Моддаи 1228. Ҳуқуқҳои татбиқшаванда ба ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи рақобати бевиҷдонона ба миён меоянд..........26
Моддаи 1229. Дорошавии беасос..........26

Моддаи 1230. Ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ..........26
Моддаи 1231. Муносибатҳо оид ба меросгирӣ..........26
Моддаи 1232. Қобилияти шахс оид ба таҳия ва бекор кардани васиятнома, шакли васиятнома ва санади бекор кардани он..........26
Моддаи 1233. Меросгирии амволи ғайриманқул ва амволе, ки бояд ба феҳристи давлатӣ ворид карда шавад.....26
Моддаи 1234. Васоят ва парасторӣ..........27

# Фасли V. Моликияти зеҳнӣ

## *Боби 57. Муқаррароти умумӣ оид ба моликияти зеҳнӣ*

### Моддаи 1125. Мафҳуми моликияти зеҳнӣ

1. Моликияти зеҳнӣ ин ҳуқуқҳои амволӣ ва (ё) ғайриамволии шахсӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, фардикунонии маҳсулот, корҳо ё хизматрасонии иҷрошаванда (воситаҳои фардикунонӣ) ва ҳамчунин объектҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда мебошад.

Мазмун, асосҳои ба миён омадан, тартиби татбиқ ва қатъ намудани ҳуқуқҳои амволӣ ва ғайриамволии шахсӣ нисбат ба объектҳои алоҳидаи моликияти зеҳнӣ бо ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар муайян карда мешавад.

2. Ҳамин Кодекс намудҳои асосии объектҳои моликияти зеҳниро муқаррар мекунад ва муқаррароти умумии танзими муносибатҳои амволӣ ва ғайриамволии шахсии вобаста ба онҳоро муайян менамояд.

3. Ба муносибатҳои моликияти зеҳнӣ меъёрҳои ҳамин Кодекс, аз ҷумла муқаррарот оид ба ӯҳдадориҳо ва шартномаҳо татбиқ мегарданд, агар дар қонунҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад ва аз моҳияти муносибатҳои танзимшаванда барнаояд.

### Моддаи 1126. Объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

Ба объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ инҳо дохил мешаванд:

1) натиҷаҳои фаъолияти эҷодии зеҳнӣ :

-асарҳои илмӣ, санъат ва адабиёт, аз ҷумла барномаҳо барои мошинҳои электронии ҳисоббарор, барномаҳои компютерӣ ва маҷмӯи маълумот;

-иҷро намудан, фонограммаҳо, ташкили намоиши эфирӣ ё намоиши кабелӣ;

-ихтироот, моделҳои муфид, намунаҳои саноатӣ;

-дастовардҳои селексионӣ;

-топологияи микросхемаҳои интегралӣ;

-маълумоти дорои сирри хизматӣ ё тиҷоратӣ.

2) воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ:

-номи фирмавӣ;

-тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ;

-номи маҳалли истеҳсоли мол ва нишондоди истеҳсолӣ.

3) натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонии ба онҳо баробаркардашуда, ки мутобиқи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд.

### Моддаи 1127. Ба миён омадани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба объектҳои дахлдор дар натиҷаи ташкили онҳо ё шурӯи истифода ё бақайдгирии давлатӣ ва ҳамчунин бо асосҳои дигар, ки бо қонун ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ба миён меоянд.

### Моддаи 1128. Мазмуни ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

1. Соҳиби ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ё воситаҳои фардикунонӣ ҳуқуқҳои мустасноие дорад, ки нисбати ҳама ва ҳар кас ҳифз карда мешаванд.

2. Ҳуқуқи истисноӣ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ё воситаи фардикунонии ваколатҳои амволӣ ва ғайриамволии шахсиро дар бар мегирад, ки нисбат ба объектҳои мушаххаси моликияти зеҳнӣ қобили истифода будани таркиби онро қонун бо назардошти муқаррароти ҳамин Кодекс муайян менамояд.

3. Ҳуқуқи соҳибони ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мумкин аст бо қонун маҳдуд карда шавад.

Чунин маҳдудиятҳо набояд ба истифодаи мўътадили объектҳои моликияти зеҳнӣ зарар оваранд ва ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволии муаллифро маҳдуд созанд.

## Моддаи 1129. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи моликият ба ҳомили моддӣ

1. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба ҳуқуқи моликият ё ҳуқуқи ашёии дигар ба ҳомили моддӣ, ки дар он объекти моликияти зеҳнӣ таҷассум ёфтааст, вобаста намебошад.

2. Гузаштани ҳуқуқи моликият ба ҳомили моддии натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ё воситаи фардикунонӣ худ аз худ додан ё пешниҳоди ягон намуди ҳуқуқро ба истифодаи объекти дахлдори моликияти зеҳнӣ, ки дар ин ҳомил таҷассум ёфтааст, фаро намегирад, агар тартиби дигареро қонун муқаррар накарда бошад.

3. Аз тарафи соҳибмулк ё ҳар як шахси дигар ба амал баровардани ҳуқуқ нисбат ба ҳомили моддӣ, ки дар он объекти моликияти зеҳнӣ таҷассум ёфтааст, набояд ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳиби ҳуқуқи амвол ва ҳуқуқи ғайриамволиро ба ҳамин гуна объект, ки қонун ҳифз менамояд, вайрон намояд.

## Моддаи 1130. Ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ

1. Ҳуқуқи муаллиф, ҳуқуқ ба ном ва ҳуқуқҳои дигари шахсии ғайриамволии моликияти зеҳнӣ мутобиқи ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар татбиқ ва ҳифз карда мешавад.

2. Ҳуқуқи шахсии ғайриамволии ба ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дохилшаванда ва бо қонунҳои дахлдор пешбинишуда ба ҳуқуқи амвол вобаста нест, ба шахсони дигар дода намешавад ва бемўҳлат ҳифз карда мешавад.

3. Пурра ё қисман аз тарафи офарандаи натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ (муаллиф, иҷрокунанда) рад намудани ҳуқуқи марбутаи шахсии ғайриамволии ў ба ин натиҷа беэътибор аст.

4. Дар ҳолати пешбининамудаи қонун ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволии алоҳидаи моликияти зеҳнӣ метавонанд аз они шахсони ҳуқуқӣ эътироф карда шаванд.

## Моддаи 1131. Ҳуқуқи амволии моликияти зеҳнӣ

1. Соҳиби ҳуқуқи амволии моликияти зеҳнӣ ҳуқуқ дорад бо хости худ истифодаи объекти дахлдори моликияти зеҳниро бо воситаю шакли дилхоҳ татбиқ , ҳал ва манъ намояд, агар инро ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар манъ накунанд.

2. Ҳуқуқи амвол нисбат ба объекти моликияти зеҳнӣ метавонад ба таври муштарак ба як шахс ё якчанд шахс тааллуқ дошта бошад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳуқуқи амволӣ нисбат ба як объекти моликияти зеҳнӣ метавонад ба шахсони гуногун тааллуқ дошта бошад ва аз тарафи онҳо новобаста ба ҳамдигар татбиқ карда шавад.

3. Муносибати мутақобила оид ба истифодаи объекти моликияти зеҳнӣ, ки ҳуқуқ ба он ба таври муштарак ба якчанд нафар тааллуқ дорад, бо созишномаи байни онҳо муайян карда мешавад. Ҳангоми мавҷуд набудани чунин созишнома баҳси татбиқи ҳуқуқи амволии моликияти зеҳнӣ бо тартиби судӣ ҳал карда мешавад.

## Моддаи 1132. Мўҳлати амали ҳуқуқи амволӣ

1. Мўҳлати амали ҳуқуқи амволӣ нисбат ба намудҳои алоҳидаи объектҳои моликияти зеҳнӣ, тартиби ҳисобкунии онҳо, асос ва тартиби дароз кардани онҳо ё барқарор намудан ва ҳамчунин асос ва тартиби пеш аз мўҳлат қатъ намудани амали ҳамин гуна ҳуқуқҳоро қонунгузорӣ муқаррар менамояд.

2. Бо гузаштани мўҳлати амали ҳуқуқҳои амволӣ ва ҳамчунин дар ҳолати пеш аз мўҳлат қатъ намудани амали ҳамин гуна ҳуқуқҳо объекти дахлдори моликияти зеҳнӣ ба сарвати ҷамъиятӣ мегузарад.

3. Соҳиби ҳуқуқи амволӣ метавонад дар хусуси қатъ намудани амали он ва гузаштани объекти дахлдори моликияти зеҳнӣ ба сарвати ҷамъиятӣ пеш аз мўҳлат қарор қабул намояд, агар тартиби дигареро қонун муқаррар накарда бошад ва ҳамзамон ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони дигар, ки қонун ҳифз менамояд, вайрон карда нашавад.

## Моддаи 1133. Гузаштани ҳуқуқи амволӣ

1. Ҳуқуқи амволӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ мумкин аст тибқи шартнома ба шахсони дигар дода шавад ё ба онҳо дар асоси қонун гузарад.

2. Шартномаҳое, ки ба додани ҳуқуқи амволӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ вобаста мебошад, бояд дар шакли хаттӣ ё намуди дигари пешбининамудаи қонун баста шаванд.

3. Шартҳои шартномаҳо, ки вазъи соҳибони ҳуқуқи моликияти зеҳниро бад мекунанд, беэътибор дониста мешаванд.

4. Қонун метавонад бақайдгирии давлатии намудҳои алоҳидаи шартномаҳои вобаста ба додани ҳуқуқи амволӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ ва ҳамчунин ҳолатҳои дигари гузаштани ҳуқуқро ба ҳамин гуна объектҳо муқаррар намояд.

## Моддаи 1134. Объектҳои хизматии моликияти зеҳнӣ

1. Ҳуқуқи амволӣ ба объекти моликияти зеҳнӣ, ки корманд вобаста ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ ё супориши хизматии корфармо (объекти хизматии моликияти зеҳнӣ ) ташкил намудааст, ба корфармо тааллуқ дорад, агар дар қонун ё дар шартномаи байни корманд ва корфармо тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Ба корманде, ки объекти хизматии моликияти зеҳниро ташкил намудааст, ҳуқуқи шахсии ғайриамволӣ ба ҳамин гуна объект ва ҳуқуқи мукофотгирие тааллуқ дорад, ки андоза, шарт ва тартиби пардохти он бо шартномаи байни корманд ва корфармо муайян карда мешавад, агар қонун тартиби дигарро пешбинӣ накарда бошад.

3. Дар ҳолатҳо ва тартиби муайяннамудаи қонунгузорӣ ҳуқуқҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда метавонанд ба корманде, ки объекти хизмати моликияти зеҳниро ташкил намудааст, гузаранд.

## Моддаи 1135. Ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳние, ки ҳангоми иҷрои қарордодҳои (фармоишҳои) давлатӣ таъсис ёфтаанд

1. Ҳуқуқҳои амволӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки бо қарордоди (фармоиши) давлатӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ташкил гардидаанд, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ доранд, агар қарордоди (фармоиши) давлатӣ тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

2. Агар ҳуқуқи амволӣ ба объекти моликияти зеҳнӣ бо қарордоди (фармоиши) давлатӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ташкил шуда бошад ва тибқи қисми 1 ҳамин модда ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ надошта бошад, соҳиби ҳуқуқи амволӣ бо талаби давлат вазифадор аст ҳуқуқи истифодаи ҳамин гуна объекти моликияти зеҳниро барои эҳтиёҷоти давлатӣ ройгон пешниҳод намояд.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин модда ба офарандаи (муаллифи) натиҷаи фаъолияти эҷодӣ, ки ба он ҳуқуқи амволӣ надорад, ҳуқуқи шахсии ғайриамволӣ ба чунин натиҷа, ҳуқуқ ба подош, ки соҳиби ҳуқуқи амволӣ ба ҳамин гуна натиҷа пардохт менамояд, тааллуқ дорад. Андоза, шарт ва тартиби пардохти подошро шартномаи байни офаранда (муаллиф) ва соҳиби ҳуқуқи амволӣ муайян менамояд, агар қонун тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

## Моддаи 1136. Татбиқи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

1. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бо салоҳдиди соҳиби ин ҳуқуқҳо татбиқ карда мешавад. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба соҳиби ҳуқуқи амволии моликияти зеҳнӣ ба сифати шарти амали ин ҳуқуқҳо мумкин аст вазифаи истифодаи объекти дахлдори моликияти зеҳнӣ вогузор карда шавад.

2. Ҳангоми татбиқи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ҳуқуқи соҳибони объектҳои дигари моликияти зеҳнӣ набояд вайрон карда шаванд.

3. Ҳуқуқи амволӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ мумкин аст дар асоси инфиродӣ ё дастаҷамъона татбиқ карда шаванд.

Талаботи асосӣ ба идораи ҳуқуқи коллективии амволӣ дар асоси қонун муқаррар карда мешавад.

## Моддаи 1137. Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

**1. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бо тарзҳои пешбининамудаи Кодекс мазкур бо назардошти моҳияти ҳуқуқи вайроншуда ва оқибатҳои вайронкунии ин ҳуқуқ ҳифз карда мешавад.**

**2. Тарзҳои физи пешбининамудаи Кодекси мазкур бо талаби соҳибҳуқуқ,**

**ташкилоти идораи дастаҷамъии ҳуқуқҳои молумулкӣ, инчунин дар мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи дигар шахсон низ татбиқ карда мешавад.**

**3. Гуноҳ надоштани вайронкунанда ӯро аз ӯҳдадории қатъ намудани вайронкунии ҳуқӯқи моликияти зеҳнӣ озод намекунад ва нисбати ӯ чораҳое, ки барои ҳифзхи чунин ҳуқуқро равона шудаанд, татбиқ мегарданд. Интишори қарори суд оид ба вайронкунии содиршуда ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон карданион таҳдид менамояд, низ новобаста аз гуноҳи вайронкунанда ва аз ҳисоби ӯ амалӣ карда мешавад. (ҚҶТ аз 03.07.2012с., №840)**

## Моддаи 1137[1]. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ

**1. дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф ҳифзи онҳо бо тарзҳои эътирофи ҳуқуқ, барқарор намудани вазъи, ки то вайронкунии ҳуқуқ ҷой дошт, пешгирии амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунад ё ба вайронкунии он таҳдид менамояд, ҷуброни зарари маънавӣ ва нашри қарори суд оид ба вайронкунии содиршуда амалӣ карюда мешавад.**

**2. Ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории муаллиф мувофиқи қоидаҳои моддаи 174 Кодекси мазкур амалӣ карда мешавад.**

**3. Дар ҳолати пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар шахсон них метавонанд тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкро татбиқ намоянд.**

**4. Ҳуқуқҳои молумулкии муаллиф бо тарзҳои зерин ҳифз карда мешавад:**

**- этирофи ҳуқуқ;**

**- пешгири намудаи амалҳои, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё ба вавйронкардани он таҳдид мегнамояд;**

**- рӯёнидани товони зарар;**

**- мусодираи маводи таҷҳизоти, ки бо истифодаи онҳо вайронкунӣ содир гардидааст ва объектҳои моддае, ки дар натиҷаи ҳамин вайронкунӣба даст омадаанд;**

**- интишори қарори суд оид ба вайронкунии содиршуд;- тарзҳои дигар, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.**

**5.Дар ҳолати пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибҳуқуқ метавонад ба ҷои рӯёнидаи товони зарарпардохти ҷубронипулиро барои ҳуқуқи вайроншудаи мазкур талаб намояд. Андозаи ҷубронпулӣ аз ҷониби вобаста ба хуссусияти вайронкунӣ ва ҳолатҳо муаян карда мешавад.**

**6. Дар ҳолатҳое, ки истеҳсол паҳн кардан ё истифодаи дигар, инчунин ворид намудан, интиқол ё фиристодан, ё нигоҳ доштани ҳомили моддӣ,ки дар он натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ таҷҷасум ёфтааст, боиси вайронгардиданиҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мегарданд, чунин хомили моддӣ қалбакӣ дониста шуда, бо қарори суд аз муомилот гирифта шуда бидуни ҷуброн нест карда мешаванд, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.**

**7. Таҷҳизот, дигар дастгоҳҳо ва маводе, ки асосан барои вайрон кардани ҳуқуқҳои истесноӣ истифода ё таъин шудаанд, бо қарори суд аз муомилот гирифта шуда, аз ҳисоби вайронкунанда нес карда мешаванд, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани онҳо ба фоидаи давлат пешбинӣ нашуда бошад.**

**8. Бо мақсади таъмини далелҳо аз рӯи парвандаҳо оид ба вайронкунии ҳӯкӯкҳои истисноӣ ба ҳомили моддӣ, таҷҳизот, дигар дастгоҳҳо ва маводе, ки таввасути онҳо эҳтимолияти вайронкунии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ пешниҳод шудааст, мумкин аст чораҳои таъминкунии муқарарнамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла ба ҳабс гирифтани объектҳо, татбиқ карда шаванд.**

# Фасли VI. Ҳуқуқ ба мерос

## *Боби 58. Муқаррароти умумӣ оид ба меросгузорӣ*

## Моддаи 1138. Ворисии ҳуқуқ ба мерос

1. Ворисӣ ин гузариши ҳуқуқи амволӣ ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба дигар шахс ё ашхос (ворисон) гузаштани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии ба молумулк вобастаи шахси фавтида (меросгузор) тибқи шартҳои ворисии ҳуқуқии универсалӣ эътироф мегардад. Мерос, агар аз қоидаҳои ҳамин фасл тартиби дигаре барнаояд, ҳамчун як маҷмӯи мукаммал ва дар ҳамон як лаҳза мегузарад.

2. Ворисии ҳуқуқ ба мерос бо ҳамин Кодекс ва дигар қонунҳо танзим карда мешавад.

## Моддаи 1139. Асосҳои ворисӣ (меросхӯрӣ)

1. Ворисӣ тибқи васиятнома ва қонун анҷом дода мешавад.

2. Ворисӣ тибқи қонун ҳангоми вуҷуд надоштани васиятнома ё агар он қисмати ҳамаи меросро муайян насозад, инчунин дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ҷой дошта метавонад.

## Моддаи 1140. Бамеросгирии амволе, ки моликияти муштараки умумӣ мебошад

1. Фавтидани иштирокчии моликияти муштараки умумӣ барои муайян намудани ҳиссаи ӯ ба ҳуқуқи моликияти умумӣ ва тақсими моликияти умумӣ ё аз он ҷудо намудани ҳиссаи шахси вафоткарда асос мебошад. Дар ин ҳолат мерос нисбат ба амволи умумӣ, ки ба ҳиссаи шахси вафоткарда дохил мешавад ва ҳангоми ғайриимкон будани тақсимоти амвол дар шакли асл – нисбат ба арзиши ҳамин гуна ҳисса кушода мешавад.

2. Иштирокчии моликияти муштараки умумӣ ҳуқуқ дорад ба ҳуқуқи амволи умумӣ ҳиссаи худро ҷойгир намояд, ки баъди вафоти ӯ мутобиқи қисми 1 ҳамин модда муайян карда мешавад.

## Моддаи 1141. Ворисии ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ

Ворисии ҳуқуқи истифодабарии меросии якумраи қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи ҳамин Кодекс танзим мегардад, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

## Моддаи 1142. Кушодани мерос

1. Мерос дар натиҷаи вафоти шаҳрванд ё фавтида эълон гардидани ӯ (моддаи 46 ҳамин Кодекс) кушода мешавад.

2. Замони кушодани мерос рӯзи (ҳангоми зарурат инчунин лаҳзаи) вафоти меросгузор ва ҳангоми фавтида эълон намудани ӯ  рӯзи эътибори қонунӣ пайдо намудани қарори суд дар хусуси фавтида эълон гардидани шаҳрванд мебошад, агар дар қарори суд рӯзи дигар нишон дода нашуда бошад.

3. Агар дар давоми як шабонарӯз (бисту чор соат) шахсоне, ки ҳуқуқ доштанд яке пас аз дигаре мерос гиранд, вафот карда бошанд, онҳо дар як вақт вафоткарда эътироф мешаванд ва ба меросгирӣ ворисони ҳар яки онҳо даъват карда мешаванд.

4. Агар суд вафот намудани якчанд шахсро дар натиҷаи бедарак ғоиб шудан дар ҳамон як ҳолат фавтида эътироф намояд, пас онҳо дар як вақт вафоткарда эътироф мешаванд ва меросгирӣ баъди ҳар яки онҳо кушода мешавад ва ба меросгирӣ ворисони ҳар яки онҳо даъват карда мешаванд.

## Моддаи 1143. Маҳали кушодани мерос

Маҳали кушодани мерос маҳали охирини зисти меросгузор (моддаи 21 ҳамин Кодекс) мебошад. Агар маҳали зисти охирини меросгузор номаълум бошад, пас маҳали кушодани мерос маҳали ҷойгиршавии амволи ғайриманқули ба меросгузор дахлдошта ё қисмати асосии он ва ҳангоми набудани амволи ғайриманқул – маҳали воқеъ гардидани қисми асосии амволи манқул эътироф карда мешавад.

## Моддаи 1144. Ворисон

1. Ворисон тибқи васиятнома ва бо қонун шаҳрвандони дар лаҳзаи кушодани мерос зинда ва ҳамчунин кӯдакони ҳангоми зинда будани меросгузор дар батни модар ва баъди кушодани мерос зинда таваллудшуда буда метавонанд.

2. Ворисон тибқи васиятнома ҳамчунин мумкин аст шахсони ҳуқуқӣ ва давлат бошанд.

## Моддаи 1145. Аз мерос бартараф намудани ворисони ношоиста

1. Шахсоне, ки қасдан меросгузор ё яке аз ворисони имконпазирро аз ҳаёт маҳрум сохтаанд ё ба ҳаёти онҳо суиқасд кардаанд, на тибқи васиятнома ва на тибқи қонун ба ворисӣ ҳуқуқ надоранд.

2. Шахсоне, ки қасдан ба меросгузор барои амалӣ шудани охирин нияти ӯ монеа гардидаанд ва бо ин роҳ барои ба мерос даъват шудани худ ё шахсони наздикашон ё барои зиёд кардани ҳиссаи мероси ба онҳо марбута мусоидат кардаанд, на тибқи васиятнома ва на тибқи қонун ба ворисӣ ҳуқуқ надоранд.

3. Падару модар баъди фарзандоне, ки нисбат ба онҳо аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум гардидаанд ва дар лаҳзаи кушодани мерос ин ҳуқуқашон барқарор нашудааст, инчунин падару модар (фарзандхондагон) ва фарзандони болиғ (фарзандхондшудагон), ки аз иҷрои ӯҳдадориҳои бо амри қонун ба зиммаашон гузошташуда вобаста ба таъминоти меросгузор саркашӣ намудаанд, тибқи қонун ҳуқуқи ворисӣ надоранд.

4. Ҳолатҳое, ки барои аз мерос барканор намудани ворисони ношоиста асос мебошанд, аз ҷониби суд муқаррар карда мешавад.

5. Меъёрҳои ҳамин модда инчунин нисбат ба супориши васият низ татбиқ мегарданд.

## Моддаи 1146. Ӯҳдадориҳои шахсе, ки ворисӣ ношоиста эътироф шудааст

Агар шахсро суд вориси ношоиста эътироф намояд, ӯ баъди гирифтани мерос ӯҳдадор аст, ки ҳамаи мероси гирифтаашро якҷоя бо фоидаю даромадаш баргардонад. Ҳангоми нигоҳ надоштани амволи меросӣ ин шахс ӯҳдадор аст, ки арзиши онро пардохт намояд.

## Моддаи 1147. Мӯҳлати пешниҳоди даъво дар хусуси вориси ношоиста эътироф намудан

Даъво дар хусуси вориси ношоиста эътироф намудани шахс аз тарафи шахсони манфиатдор дар давоми се сол аз лаҳзае, ки ин шахс ихтиёрдории онро ба даст гирифтааст, бояд пешниҳод шавад.

## Моддаи 1148. Афзун гардонидани ҳиссаи меросӣ

1. Дар ҳолати аз тарафи ворис рад гардидани мерос ё аз тарафи васиятгар ё суд маҳрум намудан аз ҳуқуқи мерос ё бинобар аз миён рафтани ҳолатҳои дар ҳамин Кодекс нишондодашуда як қисми мерос, ки ҳиссаи ҳамин гуна ворис буд, ба ворисони қонунан меросгир мегузарад ва дар байни онҳо мутаносибан ба ҳиссаи меросиашон тақсим мешавад.

Агар меросгузор тамоми амволашро ба ворисони таъиннамудааш васият карда бошад, як қисми меросе, ки ба шахси аз мерос дасткашида ё ба ворисӣ аз миёнрафта тааллуқ дошт, ба ворисони дигари дар васиятнома зикршуда мегузарад ва дар байни онҳо мутаносибан ба ҳиссаи меросиашон тақсим карда мешавад, чунки дар васиятнома тартиби дигаре пешбинӣ нашудааст.

2. Меъёрҳое, ки дар қисми 1 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, дар ҳолатҳои зерин татбиқ намешаванд:

-агар ба ворисӣ раднамуда ё аз миёнрафта ворисӣ иловагӣ таъин шуда бошад (моддаи 1151 ҳамин Кодекс);

-ҳангоми даст кашидани ворис аз мерос ба фоидаи ворисӣ дигар (қисми 3 моддаи 1180 ҳамин Кодекс) ё шахси дигар;

-дар ҳолатҳое, ки агар ҳангоми меросгирӣ бо қонун радкунӣ ё ғоиб гардидани ворис ба меросхӯрии меросхӯрони навбати дигар меорад.

## Моддаи 1149. Гузаштани мерос ба давлат

1. Амволи меросӣ бо ҳуқуқи меросӣ дар ҳолатҳои зерин ба давлат мегузарад:

а) агар амвол ба давлат васият шуда бошад;

б) агар меросгузор тибқи қонун ва васиятнома ворис надошта бошад;

в) агар ҳамаи меросгиронро васиятгар аз ҳуқуқи меросгирӣ маҳрум гардонида бошад.

2. Агар яке аз ворисон ба фоидаи давлат аз мерос даст кашида бошад, пас ҳиссае, ки ба ин ворис дахл дошт, ба давлат мегузарад.

3. Ҳангоми набудани ворисони тибқи қонун, ки танҳо як қисми амволи меросгузор васият шудааст, қисми боқимонда ба давлат мегузарад.

## *Боби 59. Меросгирӣ бо васиятнома*

### Моддаи 1150. Муқарраroти умумӣ

1. Васиятнома иродаи ихтиёрии шаҳрванд оид ба ихтиёрдории ҳуқуқи амволии ба ӯ дахлдошта ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳуқуқи ғайриамволӣ ҳангоми вафот кардан эътироф мешавад, ки ба тарзи зарурӣ ба расмият даровaрда шудааст.

2. Васиятнома бояд шахсан тартиб дода шавад. Тартиб додани васиятнома тариқи намоянда иҷозат дода намешавад.

3. Шаҳрванд метавонад ҳамаи амвол ё як қисми амволи худро ба як ё якчанд шахс, ки ба гурӯҳи ворисон тибқи қонун дохил мешаванд ё дохил намешаванд, ҳамчунин ба шахсони ҳуқуқӣ ва давлат васият намояд.

4. Васиятгар ҳуқуқ дорад бидуни тавзеҳи сабаб як ё якчанд нафар ё ҳамаи ворисонро тибқи қонун аз мерос маҳрум намояд. Аз мерос маҳрум намудани ворис тибқи қонун ба наслҳои оянда ӯ, ки тибқи пешниҳод ҳуқуқи меросро доранд, дахл надорад, агар аз васиятнома тартиби дигаре барнаояд, ба истиснои ҳолатҳое, ки моддаи 1171 ҳамин Кодекс пешбинӣ менамояд.

5. Меросгузор метавонад озодона васиятномаи тартибдодаашро дар вақти дилхоҳ баъди анҷом ёфтани он рад намояд ё тағйир диҳад ва дар ин ҳолат ӯҳдадор нест, ки сабабҳои рад намудан ё тағйир додани онро нишон диҳад.

6. Меросгузор ҳуқуқ надорад ба зиммаи шахсоне, ки дар васиятнома таъин гардидаанд, дар навбати худ вазифаи ихтиёрдории амволи ба онҳо васиятшударо бо тартиби муайяне дар ҳолати вафот кардани онҳо вогузор намояд.

### Моддаи 1151. Таъини ворисони иловагӣ

1. Васияткунанда метавонад барои ҳолатҳое, ки агар вориси дар васиятнома зикргардида то кушода шудани мерос фавтад ё меросро қабул накунад ё онро рад намояд ё аз мерос ҳамчун вориси ношоиста бартараф гардад (моддаи 1145 ҳамин Кодекс), дар васиятнома дигар ворисро таъин намояд (вориси иловагӣ).

2. Вориси иловагӣ ҳар шахсе шуда метавонад, ки мутобиқи моддаи 1144 ҳамин Кодекс ворис буданаш мумкин аст.

### Моддаи 1152. Супориши васияткунандаи мерос (легат)

1. Васияткунанда ҳуқуқ дорад ба зиммаи ворис тибқи васиятнома аз ҳисоби мерос (супориши васияткунандаи мерос) ба манфиати як ё якчанд шахс (меросгирандагон), ки ҳуқуқи талаб намудани иҷрои супориши васияткунандаи меросро ба даст меоранд, анҷом додани ягон ӯҳдадориро вогузорад.

Меросгирандагон метавонанд шахсоне бошанд, ки ба шумораи ворисони тибқи қонун дохиланд ё дохил нестанд.

2. Мавзӯи супориши васияткунандаи мерос метавонад барои меросгиранда ба моликият, истифода ё дигар ҳуқуқи амволӣ додани ашёи шомили таркиби мерос, ба даст овардан ва ба ӯ додани амволи ба таркиби мерос шомилнабуда, барои ӯ иҷро намудани кори муайян, иҷрои ягон навъи хизматрасонии муайян ва ғайра бошад.

3. Ворисе, ки васияткунанда ба зиммаи ӯ супориши васияткунандаи меросро вогузоштааст, бояд онро дар доираи арзиши воқеии мероси ба ӯ гузашта ва аз ҳисоб баровардани ҳиссаи қарзи меросгузор ба ӯ иҷро кунад.

Агар вориси ба зиммааш супориши васияткунандаи мерос вогузоштaшуда дорои ҳуқуқи ҳиссаи ҳатмӣ ба мерос бошад, ӯҳдадории ӯ оид ба иҷрои он дар доираи арзиши мероси ба ӯ гузашта, ки аз ҳиссаи ҳатмии ӯ бештар аст, маҳдуд карда мешавад.

Агар супориши васияткунандаи мерос ба зиммаи ҳама ё якчанд ворисон гузошта шуда бошад, супориши васияткунандаи мерос ҳар кадоми онҳоро баробари ҳиссаашон дар мерос вазифадор менамояд, зеро дар васиятнома тартиби дигаре пешбинӣ нашудааст.

4. Васияткунанда ҳуқуқ дорад ба зиммаи ворисе, ки ба ӯ хонаи истиқоматӣ, квартира ё дигар бинои истиқоматӣ мегузарад, ӯҳдадории ба дигар шахс фароҳам овардани истифодаи

якумраи ин бино ё як қисми муайяни онро гузорад. Ҳангоми минбаъд гузаштани ҳуқуқи моликият ба бинои истиқоматӣ ҳуқуқи истифодаи якумра эътибори худро нигоҳ медорад.

Ҳуқуқи истифодаи якумраи бинои истиқоматӣ бегона карда намешавад, ба дигар кас дода намешавад ва ба дигар ворисони меросгиранда намегузарад.

Ҳуқуқи истифодаи якумраи бинои истиқоматӣ, ки ба меросгиранда пешниҳод шудааст, агар дар васиятнома тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, барои дар ҳамин бино истиқомат намудани аъзои оилаи ӯ асос шуда наметавонад.

5. Дар сурати фавти ворис ба зиммааш супориши васияткунандаи мерос вогузошташуда ё аз ҷониби ӯ қабул накардани мерос иҷрои ӯҳдадории супориши васияткунандаи мерос ба дигар ворисоне, ки ҳиссаи ӯро гирифтаанд ё ба давлат мегузарад.

Супориши васияткунандаи мерос дар сурати фавти меросгиранда то кушода шудани мерос ё баъди кушодани мерос, вале то лаҳзае, ки ворис тибқи васиятнома тавонад, онро қабул кунад, иҷро карда намешавад.

6. Меросгиранда оид ба қарзҳои меросгузор ҷавобгар намебошад.

## Моддаи 1153. Гузаштани супориши васияткунандаи мерос ба ворисон

Агар шахси гирандаи супориши васияткунандаи мерос баъди кушодани мерос фавтад, ки ба қабули супориши васияткунандаи мерос розигӣ надода буд, ҳуқуқи гирифтани ин супориши васияткунандаи мерос ба ворисони ӯ, ки ин васиятро қабул мекунанд, мегузарад.

## Моддаи 1154. Мӯҳлати иҷрои супориши васияткунандаи мерос

Шахси гирандаи супориши васияткунандаи мерос ҳуқуқ дорад иҷрои супориши васияткунандаи меросро дар доираи мӯҳлати сесолаи мӯҳлати даъво, ки аз рӯзи кушода шудани мерос ба ҳисоб меравад, талаб намояд.

## Моддаи 1155. Базиммагузорӣ

1. Васияткунанда метавонад ба зиммаи ворис тибқи васиятнома ӯҳдадории анҷом додани ягон амал ё аз он худдорӣ намуданро вогузорад. Ҷиҳати анҷом додани мақсадҳои барои умум судманд чунин ӯҳдадорӣ мумкин аст ба иҷрочии васиятнома бо аз тарафи меросгузор ҷудо намудани як қисми амвол барои иҷрои базиммагузорӣ дода шавад.

2. Базиммагузорӣ, ки мавзӯи он фаъолияти дорои хусусияти амволӣ мебошад, мутобиқан қоидаҳои моддаи 1152 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешавад.

3. Ӯҳдадории иҷрои базиммагузорӣ ҳамон вақт қатъ мегардад, агар мутобиқи ҳамин Кодекс ҳиссаи мероси ба ворис пешбинишаванда ё дахлдошта, ки иҷрои базиммагузориро ба ӯҳда дошт, ба дигар ворисон гузарад.

## Моддаи 1156. Меросгирии қисми амволе, ки васиятнокарда мондааст

1. Як қисми амволи меросгузор, ки васиятношуда мондааст, тибқи қонун ва бо тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 1165-1169 ҳамин Кодекс дар байни ворисон тақсим карда мешавад.

2. Ба ҳисоби ин ворисон инчунин ҳамон ворисон тибқи қонун дохил мешаванд, ки қисми дигари амвол бо васиятнома ба онҳо монда шуда буд.

## Моддаи 1157. Қоидаҳои умумии шакли васиятнома

1. Васиятнома бояд дар шакли хаттӣ бо нишон додани макон ва замони тартиб дода шудани он таҳия карда шавад.

2. Васиятномаҳои зерин, ки дар шакли хаттӣ тартиб дода шудаанд, эътироф карда мешаванд:

а) васиятномаҳое, ки ба таври нотариалӣ тасдиқ карда шудаанд;

б) васиятномаҳое, ки бо васиятномаҳои ба таври нотариалӣ тасдиқгардида баробар карда шудаанд.

3. Васиятнома бояд аз тарафи васияткунанда шахсан имзо гардад.

Агар васияткунанда бо сабаби нуқсони ҷисмонӣ, беморӣ ё бесаводӣ васиятномаро бо дасти худаш имзо карда натавонад, пас бо хоҳиши ӯ дар ҳузури нотариус ё шахси дигари мансабдор мутобиқи қонуни тасдиққунандаи васиятнома мумкин аст аз тарафи шаҳрванди дигар бо нишон додани сабабҳо, ки васиятгар наметавонад васиятномаро бо дасти худаш имзо намояд, имзо карда шавад.

4. Агар мутобиқи Кодекси мазкур ҳангоми тартиб додан, имзо намудан ё тасдиқи васиятнома, ки бояд шоҳидон иштирок намоянд, пас дар ин сурат шахсони зерин шоҳид буда наметавонанд ва васиятномаро ба ҷои васияткунанда имзо карда наметавонанд:

а) нотариус ё шахси дигаре, ки васиятномаро тасдиқ менамояд;

б) ҳамсар, фарзандон, падару модар, набераю абераи шахсе, ки нисбати он васиятнома ё супориши васияткунандаи мерос таҳия ва тартиб дода мешавад ва ҳамчунин ворисони қонунии васиятгар;

в) шаҳрвандоне, ки ғайри қобили амал мебошанд;

г) шаҳрвандон ва шахсони дигар, ки қобилияти хондани васиятномаро надоранд;

д) шахсоне, ки барои нишондоди бардурӯғ додан суд шудаанд.

## Моддаи 1158. Васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда

1. Васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшударо бояд васиятгар нависад ё аз забони ӯ аз тарафи нотариус бо иштироки шоҳид навишта шавад. Нотариус ҳангоми навиштани васиятнома аз забони меросгузор метавонад воситаҳои техникии умумиқабулшударо (мошинкаи чопӣ, компютери шахсӣ ва ғайраро) истифода барад.

2. Васиятномае, ки нотариус аз забони васиятгар менависад, бояд онро ба васиятгар дар ҳузури нотариус ва шоҳид то ба имзо расонидани васиятнома пурра хонад.

Агар васияткунанда бо сабаби нуқсони ҷисмонӣ, беморӣ ё бесаводӣ шахсан васиятномаро хонда натавонад, пас матни онро шоҳид дар ҳузури нотариус мехонад ва дар ин бора бо нишон додани сабабҳое, ки васиятгар наметавонад шахсан васиятномаро хонад, дар васиятнома сабти дахлдор карда мешавад.

3. Агар васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда дар ҳузури шоҳид тартиб дода шуда бошад, пас дар васиятнома бояд ному насаб, номи падар ва маҳалли зисти доимии шоҳид нишон дода шавад.

Ҳамчунин дар васиятнома нисбати шахсе, ки васиятномаро ба ҷойи васиятгар имзо намудааст, маълумот ворид карда мешавад.

4. Бо хоҳиши васияткунанда нотариус васиятномаро бидуни шинос шудан бо мазмуни он (васиятномаи махфӣ) тасдиқ менамояд.

Васиятномаи махфӣ аз хавфи беэътибор ҳисобидани он бояд дастӣ навишта шавад, васиятгар ба он имзо гузорад ва дар ҳузури ду шоҳид, натариус ба лифофа андохта, ширеш кунад ва шоҳидон ба он имзои худро гузоранд. Лифофае, ки шоҳидон имзо намудаанд, дар ҳузури шоҳидон ва нотариус ба лифофаи дигар андохта, ширеш карда мешавад ва дар он нотариус навиштаҷоти тасдиққунандаро сабт менамояд.

## Моддаи 1159. Васиятномаи бо васиятномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда баробар

1. Васиятномаҳои зерин бо васиятномаҳои ба таври нотариалӣ тасдиқшуда баробар дониста мешаванд:

а) васиятномаи шаҳрвандоне, ки барои табобат дар беморхонаҳо, госпиталҳо, муассисаҳои табобатии статсионарии дигар мебошанд ё дар хонаи пиронсолону маъюбон зиндагӣ мекунанд ва сардухтурон ё муовинони онҳо оид ба қисми тиббӣ ё духтурони навбатдори ин беморхонаҳо, госпиталҳо ва муассисаҳои дигари табобатӣ ва ҳамчунин сардорони госпиталҳо, директорон ё сардухтурони хонаи пиронсолон ва маъюбон тасдиқ намудаанд;

б) васиятномаи шаҳрвандоне, ки ҳангоми шино кардан дар киштиҳои таҳти парчами кишвари киштии шинокунанда қарор доранд ва аз тарафи капитани ин киштиҳо тасдиқ шудаанд;

в) васиятномаи шаҳрвандоне, ки дар экспедитсияҳои кашфиётӣ, арктикӣ ё экспедитсияҳои дигар буда аз тарафи сардорони ин экспедитсияҳо тасдиқ гардидаанд;

г) васиятномаи хизматчиёни ҳарбӣ ва аъзои оилаи онҳо ва дар нуқтаҳои ҷойгиршавии қисмҳои ҳарбӣ, ки нотариусҳо нестанд ва ҳамчунин васиятномаи шахсони мулкӣ ва аъзои оилаи онҳо, ки дар ин қисмҳои ҳарбӣ кор мекунанд ва аз тарафи командирони қисмҳои ҳарбӣ тасдиқ шудаанд;

д) васиятномаи шахсоне, ки дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ ҳастанд ва аз тарафи сардорони маҳали маҳрум сохтан аз озодӣ тасдиқ шудаанд;

е) васиятномаи шахсоне, ки дар маҳалҳои алоҳидаи аҳолинишин зиндагӣ мекунанд ва нотариус нест, аз тарафи шахси роҳбарикунандаи мақоми иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё худидоракунии маҳаллӣ тасдиқ шудаанд.

2. Васиятномае, ки ба қисми 1 ҳамин модда дахл дорад, бояд аз тарафи васиятгар дар ҳузури шоҳид имзо карда шавад, ки шоҳид ҳам онро имзо мекунад.

Дар ҳолатҳои дигар ба ҳамин гуна васиятномаҳо мутобиқан қоидаҳои моддаи 1158 ҳамин Кодекс ба истиснои талабот оид ба васиятномаҳои ба тавri нотариалӣ тасдиқгардида татбиқ карда мешавад.

## Моддаи 1160. Бекор кардан ва тағйир додани васиятнома

1. Васияткунанда ҳуқуқ дорад ҳар вақт васиятномаро бекор ё тағйир диҳад.

2. Васиятнома мумкин аст бо роҳҳои зерин бекор карда шавад:

а) бо роҳи додани ариза ба мақомоти нотариалӣ дар хусуси пурра бекор намудани васиятномаи пештар тартибдодашуда;

б) ҳангоми тартиб додани васиятномаи нав.

3. Васиятнома мумкин аст бо роҳҳои зерин тағйир дода шавад:

а) бо роҳи додани ариза ба мақомоти нотариалӣ дар хусуси ворид намудани тағйирот ба қисми муайяни васиятномаи пештар тартибдодашуда;

б) ҳангоми тартиб додани васиятномаи нав, ки ба як қисми васиятномаи пештара тағйирот ворид менамояд.

4. Васиятномаи пештар тартибдодашуда, ки бо васиятномаи минбаъда пурра ё қисман бекор карда шудааст, барқарор карда намешавад, агар ин васиятнома дар навбати худ аз тарафи шахси васиятгар бекор карда нашавад ё ба он тағйирот ворид карда нашавад.

## Моддаи 1161. Махфӣ будани васиятнома

Нотариус, шахси дигаре, ки васиятномаро тасдиқ намудааст, шоҳидон ва ҳамчунин шаҳрванде, ки васиятномаро ба ҷойи васиятгар имзо намудааст, то кушодани мерос ҳуқуқ надорад маълумоти ба мазмуни васиятнома, тартиб додан, бекор кардан ва тағйир додани он дахлдоштаро ошкор намояд.

## Моддаи 1162. Шарҳи васиятнома

Ҳангоми шарҳи васиятнома аз тарафи нотариус, иҷрокунандаи васиятнома ё суд маънои асосии калимаю ибораҳои дар он буда ба эътибор гирифта мешавад. Ҳангоми дақиқ набудани маънои баъзе муқаррароти васиятнома он ба тартиби муқоисаи ин муқаррарот бо муқаррароти дигар ва маънои пурраи васиятнома муқаррар карда мешавад.

## Моддаи 1163. Беэътибор будани васиятнома

1. Васиятномае, ки дар шакли номатлуб тартиб дода шудааст, беэътибор мебошад. Беэътибории васиятнома ҳамчунин ба қоидаҳои ҳамин Кодекс дар хусуси беэътибор будани аҳдҳо асос меёбад.

2. Беэътибор будани мазмуни алоҳидаи фармоишҳои дар васиятнома буда ба эътиборнокии қисмати дигари васиятнома дахл надорад.

3. Дар ҳолати беэътибор донистани васиятнома ворisi тибқи ҳамин васиятнома аз мерос маҳрумгардида ҳуқуқ пайдо мекунад, ки дар асосҳои умумӣ ба мерос соҳиб шавад.

## Моддаи 1164. Иҷрои васиятнома

1. Васиятгар метавонад иҷрои васиятномаро ба шахси дар васиятнома зикргардида, ки ворис намебошад (иҷрокунандаи васиятнома) супорад. Розигии ин шахс барои иҷрокунандаи васиятнома будан бояд бо хатти худаш дар худи васиятнома ё аризае, ки ба васиятнома замима шудааст, сабт шуда бошад.

Ворисон дар мувофиқа байни ҳамдигар ҳуқуқ доранд иҷрои васиятномаро ба яке аз ворисон ё шахси дигар супоранд. Ҳангоми ба ҳамин гуна созиш нарасидан бо талаби як ё якчанд ворисон суд метавонад иҷрокунандаи васиятномаро таъин намояд.

Иҷрокунандаи васиятнома ҳар вақт ҳуқуқ дорад бо пешакӣ хабардор намудани ворисони васиятнома аз иҷрои ӯҳдадориҳои ба зимааш гузошташуда даст кашад. Ҳамчунин мутобиқи даъвои ворисон имкон дорад, ки иҷрокунандаи васиятнома бо қарори суд аз иҷрои ӯҳдадориҳояш озод карда шавад.

2. Иҷрокунандаи васиятнома метавонад шахси қобили амал бошад.

3. Иҷрокунандаи васиятнома бояд:

а) ҳифзи мерос ва идораи онро анҷом диҳад;

б) барои хабардор намудани ҳамаи меросхӯрон ва васияти меросгирифтагон дар хусуси кушодани мерос ва супориши васияткунандаи мерос ва фоидаи онҳо ҳамаи чораҳои имконпазирро андешад;

в) мутобиқи иродаи васиятгар ва қонун ба ворисон ҳиссаи ба онҳо дахлдоштаи амволро диҳад;

г) аз тарафи ворисон иҷро гардидани супориши васияткунандаи меросро, ки ба зиммаи онҳо гузошта шудааст, таъмин намояд;

д) базиммагузории васиятномавиро иҷро намояд ё аз ворисони васиятномавӣ иҷрои ба зиммагузории васиятномавиро талаб намояд.

4. Иҷрокунандаи васиятнома ҳуқуқ дорад аз номи худаш дар суд ва корҳои дигари вобаста ба ҳифзи мерос, идораи он ва иҷрои васиятнома баромад намояд ва ҳамчунин метавонад барои иштирок дар ҳамин гуна корҳо ҷалб карда шавад.

5. Иҷрокунандаи васиятнома вазифаҳои худро дар давоми мӯҳлати зарурӣ барои тоза намудани мерос аз қарз, ситонидани маблағҳои ба шахси меросгузор дахлдошта ва аз тарафи ворисон соҳибӣ намудани мерос анҷом медиҳад.

6. Иҷрокунандаи васиятнома барои аз ҳисоби мерос ҷуброн кардани хароҷоти зарурии вобаста ба ҳифз, идора ва иҷрои мерос ҳуқуқ дорад. Дар васиятнома мумкин аст ба иҷрокунандаи васиятнома пардохти подош аз ҳисоби мерос пешбинӣ шавад.

7. Иҷрокунандаи васиятнома ҳангоми анҷом додани иҷрои васиятнома бо талаби ворисон ӯҳдадор аст, ки ҳисобот пешниҳод намояд.

## *Боби 60. Меросгирӣ мутобиқи қонун*

### Моддаи 1165. Муқаррароти умумӣ

1. Ворисони қонунӣ ба меросгирӣ бо навбат тибқи муқаррароти моддаҳои 1166-1168 ҳамин Кодекс даъват карда мешаванд.

2. Ҳангоми меросгирии қонунӣ фарзандхондшуда ва наслҳои он, аз як тараф ва фарзандхонда ва хешовандони ӯ, аз тарафи дигар бо хешони хунӣ баробар ҳисоб карда мешаванд.

Фарзандхондшудагон ва наслҳои онҳо баъди вафоти падару модари фарзандхоншуда ва хешони дигари ҳамхуни ӯ мутобиқи қонун мерос намегиранд.

Падару модари фарзандхондшуда ва дигар хешони ҳамхуни аждодии ӯ тибқи қонун баъди вафоти фарзандхондшуда ва наслҳои ӯ мерос намегиранд.

3. Ворисони қонунии ҳар як навбат дар ҳолати набудани ворисони навбати пешина, бартараф намудани онҳо аз мерос, аз тарафи онҳо қабул нагардидани мерос ё даст кашидан аз он ҳуқуқ ба мерос доранд.

4. Меъёрҳои ҳамин Кодекс оид ба навбат даъват кардани вориси қонунӣ ба мерос ва оид ба андозаи ҳиссаи онҳо ба мерос мумкин аст бо созишномаи аз тариқи нотариалӣ тасдиқшудаи ворисони манфиатдор, ки баъди кушодани мерос баста шудааст, тағйир дода шавад. Чунин созишнома набояд ба ҳуқуқи ворисони дар он иштироқнадошта, инчунин ворисоне, ки ба ҳиссаи ҳатмӣ ҳуқуқ доранд, дахолат кунад.

### Моддаи 1166. Навбати аввали ворисони қонунӣ

1. Дар навбати аввал мероси қонуниро бо ҳиссаи баробар фарзандон (аз ҷумла фарзандхоншудагон), ҳамсарон ва падару модар, фарзандхондагони меросгузор ва ҳамчунин кӯдакони шахси вафоткарда, ки баъди вафоти ӯ таваллуд шудаанд, мегиранд.

2. Наберагони меросгузор ва наслҳои онҳо бо ҳуқуқи пешниҳод мерос мегиранд.

### Моддаи 1167. Навбати дуюми ворисони қонунӣ

1. Ҳангоми набудани меросгирони навбати якум ҳуқуқи вориси қонуниро дар навбати дуюм бо ҳиссаи баробар бародару хоҳарони меросгузор ва ҳамчунин бобою бибӣ ҳам аз тарафи модар ва ҳам аз тарафи падар мегиранд.

2. Фарзандони бародару хоҳарони меросгузор (ҷиянҳои меросгузор) бо ҳуқуқи пешниҳод мерос мегиранд.

### Моддаи 1168. Навбати сеюми ворисони қонунӣ

1. Ҳангоми набудани меросгирони навбатҳои якум ва дуюм ҳуқуқи меросгирии қонуниро дар навбати сеюм бо ҳиссаи баробар бародару хоҳарони падару модари (тағо, амак, хола ва амма) меросгузор мегиранд.

2. Духтару писарони амма, хола, таѓо ва амаки меросгузор бо ҳуқуқи пешниҳод ба мерос ҳуқуқ доранд.

## Моддаи 1169. Меросгирӣ бо ҳуқуқи пешниҳод

1. Ҳиссаи вориси қонуние, ки то кушода шудани мерос ва ё дар як вақт бо меросгузор вафот кардааст, бо ҳуқуқи пешниҳод ба наслҳои дахлдори ӯ мегузарад ва дар ҳолатҳои пешбиникардаи қисми 2 моддаҳои 1166, 1167 ва 1168 Кодекси мазкур бошад, байни онҳо баробар тақсим карда мешавад.

2. Наслҳои вориси меросгузоре, ки онҳоро ӯ қонунан аз ворисӣ маҳрум кардааст, бо ҳуқуқи пешниҳод мерос гирифта наметавонанд.

3. Наслҳои ворисе, ки то кушода шудани мерос ва ё дар як вақт бо меросгузор вафот кардааст ва мутобиқи талаботи моддаи 1145 ҳамин Кодекс ҳуқуқи гирифтани меросро надошт, бо ҳуқуқи пешниҳод мерос гирифта наметавонанд.

## Моддаи 1170. Мўҳтоҷони корношоями меросгузор

1. Ба шумораи ворисони қонунӣ шахсони корношояме дохил мешаванд, ки дар мўҳлати на камтар аз як соли то фавти меросгузор таҳти таъминоти ӯ қарор дошта, бо ӯ якҷоя зиндагӣ мекарданд. Ҳангоми тибқи Қонун мавҷуд будани ворисони дигари онҳо якҷоя бо ворисони ҳамон навбате, ки ба меросгирӣ даъват шудаанд, мерос мегиранд.

2. Шахси корношоям, ки ба шумораи ворисони қонунӣ дар моддаҳои 1167-1168 нишон додашудаи ҳамин Кодекс дохил шуда, вале ба доираи ҳамон ворисони навбати ба меросгирӣ даъватшуда шомил нестанд, агар на камтар аз як соли то фавти меросгузор, сарфи назар аз зиндагии якҷоя бо меросгузор дар таъминоти ӯ бошанд, якҷоя бо ҳамин навбат мерос мегиранд.

## Моддаи 1171. Ҳуқуқ ба ҳиссаи ҳатмии мерос

1. Кўдакони ба балоѓат нарасида ва ѓайриқобили меҳнати васиятгар ва ҳамчунин падару модар (падархонду модархонд), ҳамсари ѓайри қобили меҳнат сарфи назар аз мазмуни васиятнома, на камтар аз се ду ҳиссае, ки ба ҳар яки онҳо ҳангоми мероси қонунӣ (ҳиссаи ҳатмӣ) тааллуқ дошт, мерос мегиранд.

2. Ба ҳиссаи ҳатмӣ ҳамаи он чизе, ки ворисӣ ба чунин ҳисса ҳуқуқдошта дар ин ё он асос мегирад, аз ҷумла арзиши амвол, ки аз ашёю таҷҳизоти оддии хона иборат аст ва арзише, ки ба фоидаи ҳамин гуна вориси супориши васияткунандаи мерос муқаррар карда буд, ҳисоб карда мешавад.

3. Ҳама гуна маҳдудкунӣ ва вазнинкунӣ, ки дар васиятнома барои вориси ба ҳиссаи ҳатмии мерос ҳуқуқдошта муқаррар гардидааст, танҳо ба он ҳиссаи мероси ба ҳисоби ӯ гузаранда дахл дорад, ки аз ҳиссаи ҳатмӣ зиёд мебошад.

## Моддаи 1172. Ҳуқуқи ҳамсарон ҳангоми меросгирӣ

1. Ҳуқуқи мероси тариқи васиятнома ё қонун ба ҳамсарон (зан ё шавҳар) дахлдошта ба ҳуқуқҳои дигари амволии онҳо, ки бо ҳолати дар никоҳ будан бо меросгузор, аз ҷумла ҳуқуқи моликият ба як қисми амволи дар никоҳи якҷоя ба даст омадааст, дахл надорад.

2. Ҳамсари бо қарори суд талоқгирифта мумкин аст аз мероси қонунӣ барканор карда шавад, ба истиснои мерос дар асоси моддаи 1171 ҳамин Кодекс, агар ворисони дигари қонунӣ исбот намоянд, ки никоҳ бо меросгузор воқеан то кушода шудани мерос қатъ гардида буд ва ҳамсарон дар давоми на камтар аз 3 сол то кушода шудани мерос ҷудо зиндагӣ мекарданд.

## Моддаи 1173. Ҳифзи мерос ва идораи он ҳангоми мероси қонунӣ

1. Дар ҳолате, ки агар як қисми амвол тариқи васиятнома ба мерос гузарад, иҷрокунандаи васиятнома, ки васиятгар таъин намудааст, ҳифзи ҳамаи мерос ва идораи онро, аз ҷумла он қисмати меросро, ки бо тартиби мероси қонунӣ мегузарад, анҷом медиҳад.

Иҷрокунандаи васиятнома, ки мутобиқи қисми 1 моддаи 1164 ҳамин Кодекс вориси васиятномавӣ ё аз тарафи суд таъин шудааст, вазифаи ҳифзи ҳамаи мерос ва идоракунии ваколатии онро анҷом медиҳад, агар ворисони қонунӣ таъини идоракунандаи меросро барои иҷрои вазифаҳои номбаршуда, ки барои қисмати мероси бо тартиби мероси қонунӣ гузаранда татбиқ мешавад, талаб накунанд.

2. Идоракунандаи ваколатии мерос бо хоҳиши як ё якчанд ворисони қонунӣ ё бо талаби кредитори меросгузор дар ҷои кушодани мерос аз тарафи нотариус таъин карда мешавад. Агар ворисии қонунӣ ё кредитори меросгузор бо таъини идоракунандаи мерос розӣ набошанд, ҳуқуқ доранд таъини идоракунандаи меросро дар суд баҳс кунанд.

3. Агар ворисони қонунӣ набошанд ё номаълум бошанд, мақоми иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд бо хоҳиши оид ба таъини идоракунандаи мерос ба нотариус муроҷиат намояд. Дар ҳолати ҳозир гардидани ворисони қонунӣ идоракунандаи мерос мумкин аст бо талаби онҳо бо баргардонидани хароҷоти ба ӯ зарурӣ ва пардохтани мукофот аз ҳисоби мерос бозхонда шавад.

4. Идоракунандаи мерос ваколатҳои пешбининамудаи моддаи 1164 ҳамин Кодексро, ки нисбати иҷрокунандаи васиятнома татбиқ карда мешавад, анҷом медиҳад, чунки чизи дигаре аз махсусияти мероси қонунӣ барнамеояд.

5. Идоракунандаи мерос ҳуқуқи ҷуброни хароҷоти заруриро оид ба ҳифзи мерос ва идораи он дорад, агар тартиби дигареро созишномаи ӯ бо ворисон ва ҳамчунин барои мукофот пешбинӣ накунад.

## *Боби 61. Қабул ва даст кашидан аз мерос*

### Моддаи 1174. Қабули мерос

1. Барои соҳиб шудан ба мерос ворис ҳуқуқ дорад онро қабул намояд. Қабули мерос бо ягон шарт ё эзоҳот иҷозат дода намешавад.

2. Ҳамон вақт аз тарафи ворис мерос қабулгардида эътироф мешавад, ки агар ӯ воқеан ба соҳибияти амволи меросӣ шурӯъ намояд ё вақте ки ӯ ба мақоми нотариати маҳали кушода шудани мерос дар хусуси қабули мерос ариза диҳад.

3. Амалҳои дар ҳамин модда нишондодашуда бояд дар давоми шаш моҳ аз рӯзи кушода шудани мерос ба анҷом расонида шаванд.

4. Шахсоне, ки барои онҳо ҳуқуқи ворисӣ танҳо дар ҳолати қабул накардани мерос аз тарафи ворисони дигар ба миён меояд, метавонанд дар хусуси розигии қабули мерос дар давоми мӯҳлати боқимондаи қабули мерос эълон намоянд ва агар ин мӯҳлат аз се моҳ кам бошад, пас он то се моҳ дароз карда мешавад.

5. Қабули мерос аз рӯзи кушодашавии мерос ба ворис тааллуқдошта эътироф карда мешавад.

### Моддаи 1175. Ба ворисон гузаштани ҳуқуқи гирифтани ҳиссаи мерос (трансмиссияи ворисӣ)

1. Агар ворис баъди кушода шудани мерос онро дар мӯҳлати муқарраргардида қабул нокарда фавтида бошад, дар ин сурат ҳуқуқи гирифтани ҳиссаи мерос ба ворисони ӯ мегузарад (трансмиссияи ворисӣ). Ворисони вориси фавтида меросро бояд дар ҷараёни мӯҳлати то охири мӯҳлати қабули мерос боқимонда қабул кунанд. Агар ин мӯҳлат камтар аз се моҳ бошад, пас он бояд то се моҳ дароз карда шавад.

2. Ҳангоми даст кашидан аз гирифтани амвол тибқи трансмиссияи ворисӣ амвол ба дигар ворисон мегузарад.

### Моддаи 1176. Додани шаҳодатномаи ҳуқуқи меросгирӣ

1. Нотариуси маҳалли кушодани мерос ӯҳдадор аст, ки бо хоҳиши ворис ба ӯ шаҳодатномаи ҳуқуқи меросгириро диҳад.

2. Шаҳодатномаи ҳуқуқи меросгирӣ баъди гузаштани шаш моҳ аз рӯзи кушодашавии мерос дода мешавад.

Ҳангоми меросгирии қонунӣ ё тибқи васиятнома шаҳодатнома мумкин аст то гузаштани мӯҳлати нишондодашуда дода шавад, агар нотариус маълумоти дақиқ дошта бошад, ки ба ғайр аз шахси барои шаҳодатнома муроҷиаткарда вобаста ба амволи дахлдор ё ҳамаи мерос ворисони дигар надошта бошанд.

### Моддаи 1177. Дароз намудани мӯҳлат барои қабули мерос

Мӯҳлати қабули мерос, ки дар моддаи 1174 ҳамин Кодекс муқаррар карда шудааст, мумкин аст ҳангоми аз тарафи суд эътироф намудани сабаби узрноки гузаронидани мӯҳлат дароз карда шавад.

Дар ин ҳолатҳо ба ворисе, ки мӯҳлати қабули меросро гузаронидааст, танҳо он қисми амволи ба ӯ мансуббуда, ки ворисони дигар қабул намудаанд ё ба давлат гузаштааст ва дар шакли аслӣ нигоҳ дошта шудааст ва ҳамчунин маблағҳое, ки аз фурӯши қисмати дигари амволи ба ӯ мансуббуда ба даст омадааст, дода мешавад.

## Моддаи 1178. Имконнопазирии ихтиёрдории мерос

Ворисе, ки ҳузури дигар ворисонро мунтазир нашуда, ба ихтиёрдории мерос ё идораи он шурӯъ намудааст, ба истисноӣ хароҷоти дафн, таъминоти шахси тахти парастории (хӯрандагон) меросгузор қарордошта, ҳуқуқ надорад то гузашти шаш моҳ аз рӯзи кушода шудани мерос ё то гирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба ворисӣ меросро ихтиёрдорӣ намояд.

## Моддаи 1179. Ҳуқуқи аз мерос даст кашидан

1. Ворис ҳуқуқ дорад дар давоми шаш моҳ аз рӯзе, ки ӯ дар бораи ба меросгирӣ даъват шуданаш донист ё бояд медонист, аз мерос даст кашад. Ҳангоми мавҷуд будани сабабҳои узрнок ин мӯҳлатро мумкин аст суд дароз намояд, аммо на бештар аз ду моҳ.

2. Даст кашидан аз мерос тариқи пешниҳоди ариза ба нотариуси маҳалли кушода шудани мерос аз тарафи ворис анҷом дода мешавад.

Даст кашидан аз мерос тариқи намоянда мумкин аст, агар дар ваколатнома барои ҳамин гуна радкунӣ махсус ваколат пешбинӣ шуда бошад.

3. Досткашӣ аз мерос минбаъд аз эътибор соқит дониста ё бозхонда намешавад.

4. Ворис бо гузашти вақти ба ӯ пешниҳодшуда ҳуқуқи даст кашидан аз меросро гум мекунад. Ӯ ин ҳуқуқро ҳамчунин то гузаштани мӯҳлати нишондодашуда гум мекунад, агар ба ихтиёрдории амволи меросӣ шурӯъ карда бошад ё онро ихтиёрдорӣ карда бошад, ё барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи ӯ ба ин моликият муроҷиат намуда бошад.

## Моддаи 1180. Маҳдудкунии ҳуқуқи досткашӣ аз мерос

1. Агар ворис ҳам бо васиятнома ва ҳам бо Қонун ба меросгирӣ даъват шавад, ӯ ҳуқуқ дорад аз мероси ба ӯ мансубшаванда бо яке аз ин асосҳо ё бо ҳардуи ин асосҳо даст кашад.

2. Ворис ҳуқуқ дорад аз мероси ба ӯ мансубшаванда тибқи ҳуқуқи афзоишдиҳӣ (моддаи 1148 ҳамин Кодекс) сарфи назар аз меросгирии қисмати дигари мерос даст кашад.

3. Ҳангоми даст кашидан аз мерос ворис ҳуқуқ дорад нишон диҳад, ки ӯ ба фоидаи шахсони дигар аз ҳисоби ворисони васиятномавӣ ё тибқи Қонун даст мекашад.

4. Даст кашидан аз мерос ба фоидаи ворисони аз тарафи васиятгар аз мерос маҳрумшуда ё ворисони ношоиста иҷозат дода намешавад.

5. Ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи ҳамин модда даст кашидан аз қисми мерос, аз мерос бо эзоҳот ё бо шарт иҷозат дода намешавад.

## Моддаи 1181. Ҳуқуқи даст кашидан аз гирифтани супориши васияткунандаи мерос

1. Меросгир ҳуқуқ дорад аз супориши васияткунандаи мерос даст кашад. Қисман даст кашидан аз супориши васияткунандаи мерос, даст кашидан аз он бо эзоҳот, ба шарте ё ба фоидаи шахси дигар иҷозат дода намешавад.

2. Агар меросгиранда аз ҳуқуқи дар ҳамин модда пешбинишуда истифода барад, вориси ба супориши васияткунандаи мерос водоргардида аз ӯҳдадории иҷрои он озод карда мешавад.

## Моддаи 1182.Тақсими мерос

1. Ҳар як ворисии қонунӣ, ки меросро қабул кардааст, ҳуқуқ дорад тақсими меросро талаб намояд.

2. Тақсими мерос бо мувофиқаи ворисон тибқи ҳиссаҳои ба онҳо мансубшаванда ва ҳангоми набудани мувофиқа бо тартиби судӣ анҷом дода мешавад.

3. Қоидаҳои ҳамин модда ба тақсими мерос байни ворисони васиятномавӣ дар ҳолатҳое, ки агар ҳамаи мерос ё як қисми он ба ворисон ба ҳиссаҳо бе нишон додани амволи мушаххас васият шуда бошад, татбиқ карда мешавад.

## Моддаи 1183. Ҳуқуқи ворисони ғоиб

1. Агар дар байни ворисон шахсоне бошанд, ки маҳали буду боши онҳо номаълум бошад, ворисони дигар, иҷрокунандаи васиятнома (идоракунандаи мерос) ва нотариус ӯҳдадоранд барои муқаррар намудани маҳали буду бош ва даъвати онҳо ба мерос тадбирҳои зарурӣ андешанд.

2. Агар вориси ғоиб, ки ба мерос даъват шудааст, маҳали буду бошаш муқаррар шуда бошад ва дар давоми мӯҳлати пешбининамудаи моддаи 1179 ҳамин Кодекс аз мерос даст накашида бошад, ворисони дигар ӯҳдадоранд, ки дар хусуси нияти худ оид ба тақсими мерос ба ӯ хабар диҳанд.

3. Агар дар давоми се моҳ аз лаҳзаи хабардиҳии дар қисми 2 моддаи мазкур муқарраргардида вориси ғоиб ворисони дигарро дар бораи хоҳиши худ оид ба иштирок намудан дар созишномаи тақсими мерос хабардор накунад, ворисони дигар ҳуқуқ доранд бо созишномаи байниҳамдигарӣ меросро тақсим кунанд ва ҳиссаи ба вориси ғоиб мансуббударо ҷудо намоянд.

4. Агар дар давоми шаш моҳ аз рӯзи кушодани мерос маҳали буду боши вориси ғоиб муқаррар нагардида бошад ва дар бораи аз тарафи ӯ рад намудани мерос маълумоте набошад, ворисони дигар ҳуқуқ доранд бо қоидаҳои қисми 2 ҳамин модда тақсими меросро анҷом диҳанд.

5. Ҳангоми мавҷуд будани ҳамл, вале ҳанӯз таваллуд нашудани ворис тақсими амвол метавонад танҳо баъди таваллуди чунин ворис сурат гирад.

Агар ҳамл, вале вориси ҳанӯз таваллуднашуда зинда ба дунё ояд, ворисони боқимонда ҳуқуқ доранд тақсими меросро танҳо бо ҷудо намудани ҳиссаи мероси ба ӯ марбута анҷом диҳанд. Барои ҳифзи манфиатҳои навзод дар тақсими мерос бояд намояндаи мақоми васоят ва парасторӣ даъват карда шавад.

## Моддаи 1184. Меросгирии корхона

Агар дар созишномаи ҳамаи онҳое, ки меросро қабул кардаанд, тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, корхонаи (моддаи 144 ҳамин Кодекс) ба ҳайати мерос дохилшаванда дар шакли асл тақсим карда намешавад ва тибқи ҳиссаи ба онҳо мансуббуда ба моликияти умумии ҳиссавии ворисон ворид мешавад.

## Моддаи 1185. Ҳуқуқи бартарии ворисони алоҳида ба амволи ба мерос воридшаванда

1. Ҳангоми тақсими мерос ворисоне, ки дар давоми сол то кушодашавии мерос якҷоя бо меросгузор зиндагӣ мекарданд, барои аз ҳайати мерос гирифтани хонаи истиқоматӣ, ҳуҷра ё биноИ дигари истиқоматӣ ва ҳамчунин асбобу ашёи хона ҳуқуқи бартарӣ доранд.

2. Ҳангоми тақсими мерос ворисоне, ки ҳамроҳи меросгузор ҳуқуқи моликияти умумӣ ба амвол доранд, барои гирифтани амволи дар ҳайати мерос буда, ки ба моликияти умумӣ дохил мешавад, дар шакли аслӣ ҳуқуқи бартарӣ доранд.

3. Ҳангоми амалӣ намудани ҳуқуқи бартарии дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда нишондодашуда бояд манфиатҳои амволии ворисони дигари дар тақсимот ширкаткунанда риоя карда шаванд. Агар дар натиҷаи амалӣ намудани ин ҳуқуқҳо амволе, ки меросро ташкил медиҳад, барои пешниҳод ба ворисони соҳиби ҳисса кам бошад, пас вориси татбиқкунандаи ҳуқуқи бартарӣ бояд ба онҳо ҷуброни дахлдори пулӣ ё амволӣ намояд.

## Моддаи 1186. Хароҷоте, ки аз ҳисоби мерос бояд пардохта шавад

Аз ҳисоби мерос то тақсими он байни ворисон бояд дархости баргардонидани хароҷоти зарурии бо сабаби беморӣи пеш аз вафоти меросгузор ба миёномада, хароҷоти дафни меросгузор, хароҷоти вобаста ба гирифтани мерос, ҳифзи он, идораи он ва иҷрои васиятнома ва ҳамчунин пардохти мукофот ба иҷрочии васиятнома ё ба идоракунандаи мерос қонеъ гардонида шавад. Ин дархост бояд аз арзиши мерос пештар аз дигар дархостҳо, аз ҷумла дархостҳое, ки бо гарав ё замонатҳои дигар таъмин карда шудаанд, қонеъ карда шаванд.

## Моддаи 1187. Аз тарафи кредиторҳо рӯёнидани қарзҳои меросгузор

Кредиторони меросгузор ҳуқуқ доранд талаботи худро, ки аз ӯҳдадориҳои меросгузор бармеояд ба иҷрочии васиятнома, идоракунандаи мерос ё ворисон пешниҳод намоянд. Ворисон ҳамчун қарздорони муштарак дар доираи арзиши амволи ба ҳар яки онҳо гузошта ҷавоб медиҳанд.

### Моддаи 1188. Мӯҳлати пешниҳоди талаботи кредиторҳо

1. Кредиторҳои меросгузор дар давоми шаш моҳ аз рӯзи кушодашавии мерос, бояд ба ворисоне, ки меросро қабул намудаанд, талаботро сарфи назар аз мӯҳлати шурӯи талабот пешниҳод намоянд.

2. Мӯҳлати дар қисми 1 ҳамин модда муқарраргардида мумкин аст аз тарафи суд дароз карда шавад, агар суд сабаби гузаронидани мӯҳлатро узрнок эътироф намояд.

3. Риоя нагардидани ин қоидаҳо кредиторонро ба гум кардани ҳуқуқи талабот меорад.

## *Боби 62. Ҳифзи амволи меросӣ*

### Моддаи 1189. Чораҳо оид ба  ҳифзи амволи меросӣ

Барои ҳифзи манфиатҳои ворисони ғоиб қабулкунандаи супориши васияткунандаи мерос ва манфиатҳои оммавӣ, нотариус ё мақоми ба он баробар кардашудаи маҳали кушодани мерос бо ташаббуси шахсони манфиатдор, иҷрокунандаи васиятнома ё бо ташаббуси худ чораҳои заруриро оид ба ҳифзи мерос то қабули мерос аз тарафи ҳамаи ворисон меандешад.

### Моддаи 1190. Ӯҳдадории мақоми нотариалӣ ё мақоми ба он баробаркардашуда  оид ба  ҳифзи мерос

Агар мерос ё як қисми он дар маҳалли кушодани мерос набошад, мақоми нотариалӣ ё мақоми ба он баробаркардашуда ба мақоми нотариалӣ ё мақоми ба он баробаркардашудаи маҳалли воқеъ гардидани амвол барои қабули чораҳо ҷиҳати ҳифзи ин амвол супориш медиҳад.

# Фасли VII. Ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ

## *Боби 63. Муқаррароти умумӣ*

### Моддаи 1191. Муайян кардани ҳуқуқҳое, ки бояд дар муносибатҳои шаҳрвандию ҳуқуқии бо унсурҳои хориҷӣ мураккабгардида татбиқ шаванд

1. Ҳуқуқи бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ё унсурҳои хориҷии дигар мураккабгардида, ки бояд ба муносибатҳои ҳуқуқи граждании татбиқ карда шаванд, дар асоси ҳамин Кодекс, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст ва анъанаҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф мекунад ва ҳамчунин дар асоси созишномаи тарафҳо муайян карда мешавад.

2. Агар мутобиқи қисми 1 ҳамин модда муайян кардани ҳуқуқе, ки бояд татбиқ карда шавад, ғайриимкон бошад, ҳуқуқи нисбатан бо муносибатҳои шаҳрвандию ҳуқуқӣ вобастаи бо ҷузъиёти хориҷӣ мураккабгардида татбиқ карда мешавад.

3. Меъёрҳои фасли мазкур дар хусуси муайян намудани ҳуқуқе, ки бояд аз тарафи суд татбиқ карда шавад, мутобиқан аз тарафи мақомоти дигари дорои ваколати ҳаллу фасли масъалаи татбиқи ҳуқуқ татбиқ карда мешавад.

4. Татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ наметавонад танҳо дар асоси он ки меъёри мазкур хусусияти оммавию ҳуқуқӣ дорад, маҳдуд карда шавад.

### Моддаи 1192. Бандубасти мафҳумҳои ҳуқуқӣ (бандубасти ҳуқуқӣ)

1. Суд ё мақомоти дигари ваколатдор бандубасти мафҳумҳои ҳуқуқиро (бандубасти ҳуқуқӣ) ба тафсири он тибқи ҳуқуқи кишвари суд асоснок мекунад, агар тартиби дигареро қонунҳо пешбинӣ накарда бошанд.

2. Агар мафҳуми ҳуқуқӣ ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон номаълум бошад ё бо номи дигар ё бо мазмуни дигар маълум буда, тибқи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тафсири онро

муайян намудан мумкин набошад, пас ҳангоми бандубасти мафҳумҳои ҳуқуқӣ (бандубасти ҳуқуқӣ) мумкин аст ҳамчунин ҳуқуқи кишвари хориҷӣ татбиқ карда шавад.

## Моддаи 1193. Муқаррар намудани мазмуни меъёри ҳуқуқи хориҷӣ

1. Суд ё мақоми дигари ваколатдор ҳангоми татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ мазмуни меъёрҳои онро тибқи тафсири расмӣ, таҷрибаи татбиқ ва доктрина дар давлати хориҷии дахлдор муқаррар мекунад.

2. Суд бо мақсади муқаррар намудани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ метавонад бо тартиби муқарраргардида барои ҳамкорӣ ва тафсир ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоту ташкилоти дигари ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба хориҷа мурочиат намояд ё ин ки экспертҳоро ҷалб кунад.

3. Шахсоне, ки дар парванда иштирок мекунанд, ҳуқуқи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи хориҷиро доранд, ки онҳо аз он ба асоснокии талабот ё эътирози худ иқтибос меоранд ё ба тарзи дигар ба суд барои муқаррар намудани мазмуни ин меъёрҳо мусоидат мекунанд.

Бо дархостҳои вобаста аз ҷониби тарафҳо амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, вазнинии исботи масъулияти меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ мумкин аст аз ҷониби суд ба тарафҳо вогузор карда шавад.

4. Агар мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ новобаста аз чораҳои дидашаванда тибқи ҳамин модда муқаррар карда нашавад, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

## Моддаи 1194. Ҳаволаи бозгашт ва ҳавола ба ҳуқуқи кишвари сеюм

1. Ҳама гуна ҳавола ба ҳуқуқи хориҷӣ мутобиқи қоидаҳои ҳамин фасл бояд чун ҳавола ба ҳуқуқи моддии кишвари дахлдор баррасӣ карда шаванд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки қисми дуюми ҳамин модда пешбинӣ мекунад.

2. Ҳаволаи бозгашт ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳавола ба ҳуқуқи кишвари сеюм дар ҳолатҳои татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ тибқи моддаҳои 1200, 1201, 1203 ва 1234 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешавад.

## Моддаи 1195. Татбиқи ҳуқуқи кишвари дорои ҳуқуқи бисёрсистемагӣ

Дар сурати татбиқ намудани ҳуқуқи кишваре, ки дар он якчанд системаи ҳудудӣ ё дигар системаҳои ҳуқуқӣ амал мекунанд, системаи ҳуқуқӣ мутобиқи ҳуқуқи ин кишвар истифода мешавад. Агар мутобиқи ҳуқуқи ин кишвар татбиқ кардани кадом системаи ҳуқуқӣ имконнопазир бошад, пас системаи ҳуқуқие татбиқ мешавад, ки бо он муносибати наздик дорад.

## Моддаи 1196. Истифодаи мутақобила

1. Суд ҳуқуқи хориҷиро, сарфи назар аз он ки дар кишвари дахлдори хориҷӣ вобаста ба муносибати ҳамшабеҳ ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад ё не ба истисноии ҳолатҳое, ки истифодаи ҳуқуқи хориҷӣ дар асоси мутақобила тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, истифода менамояд.

2. Агар татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ ба муносибатҳои мутақобила вобаста бошад, эҳтимол меравад, ки он вуҷуд дорад, зеро тартиби дигаре исбот карда нашудааст.

## Моддаи 1197. Қайду шарт дар бораи тартиби оммавӣ

1. Ҳуқуқи хориҷӣ дар ҳолатҳое, ки агар истифодаи он хилофи асосҳои тартиби ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тартиби оммавии Ҷумҳурии Тоҷикистон) бошад, татбиқ карда намешавад. Дар ин ҳолат меъёрҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

2. Рад кардани татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ наметавонад танҳо ба фарқияти системаҳои ҳуқуқӣ, сиёсӣ ё иқтисодии кишвари хориҷии дахлдор аз системаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ё иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёбад.

## Моддаи 1198. Татбиқи меъёрҳои ҳатмӣ (императивӣ)

1. Меъёрҳои ҳамин фасл ба амали он меъёрҳои ҳатмии (императивии) қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи дар худи ин меъёрҳо нишон додан ё бо сабаби маънои махсуси онҳо, аз ҷумла барои таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муомилоти

граждані, ки қонун ҳифз мекунад, дахл надорад ва муносибатҳои дахлдорро сарфи назар аз ҳуқуқи татбиқшаванда танзим менамояд.

2. Ҳангоми татбиқи ҳуқуқи кишвари дигар тибқи меъёрҳои ҳамин фасл суд метавонад меъёрҳои ҳуқуқи ҳатмии (императивии) кишвари дигарро, ки бо ин муносибатҳо робитаи зич доранд, татбиқ намояд, агар мутобиқи ҳуқуқи ин кишвари дигар ҳамин гуна меъёрҳо бояд муносибатҳои дахлдорро сарфи назар аз ҳуқуқи татбиқшаванда танзим намоянд. Ҳамзамон суд бояд таъинот ва хусусияти ин меъёрҳо ва ҳамчунин оқибати татбиқи онҳоро ба эътибор гирад.

### Моддаи 1199. Маҳдудиятҳои ҷавобӣ (реторсияҳо)

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад нисбат ба ҳуқуқи амволӣ ва шахсии ғайриамволии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии он давлатҳое, ки дар онҳо маҳдудиятҳои махсуси ҳуқуқи амволӣ ва шахсии ғайриамволии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастанд, маҳдудиятҳои ҷавобӣ (реторсияҳо) муқаррар намояд.

## *Боби 64. Меъёрҳои коллизионӣ*

**§ 1. Шахсон**

### Моддаи 1200. Қонуни шахсии шахси воқеӣ

1. Қонуни шахсии шахси воқеӣ ҳуқуқи кишваре, ки ин шахс шаҳрвандии онро дорад, мебошад. Ҳангоми дар шахс мавҷуд будани ду ва ё зиёда шаҳрвандӣ қонуни шахсӣ ҳуқуқи ҳамон кишвар ҳисобида мешавад, ки шахс дар он бештар истиқомат мекунад.

Агар шахс шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати хориҷиро дошта бошад, қонуни шахсии ӯ ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Қонуни шахсии шахси бешаҳрвандӣ ҳуқуқи кишваре ҳисоб мешавад, ки дар он ин шахс бештар истиқомат мекунад.

3. Қонуни шахсии гуреза ҳуқуқи ҳамон кишваре ҳисобида мешавад, ки ба ӯ паногоҳ додааст.

### Моддаи 1201. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобили амал будани шахси воқеӣ

1. Қобилияти ҳуқуқдории граждании (шаҳрвандии) шахси воқеӣ тавассути қонуни шахсии ӯ муайян карда мешавад.

2. Қобили амал будани шахси воқеӣ тибқи қонуни шахсии ӯ муайян карда мешавад.

3. Қобили амали граждании шахси воқеӣ дар муносибат бо аҳдҳо ва ӯҳдадориҳо, ки вобаста ба расонидани зарар ба миён омадааст, тибқи ҳуқуқи кишвари маҳали иҷрои амал ё ба миён омадани ӯҳдадориҳои вобаста ба расонидани зарар муайян карда мешавад.

4. Қобилияти шахси воқеӣ ҷиҳати соҳибкори инфиродӣ будан ва доштани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои вобаста ба он тибқи ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳангоми мавҷуд набудани кишвари бақайдгиранда ҳуқуқи кишваре татбиқ мегардад, ки дар он маҳали асосии фаъолияти инфиродии соҳибкорӣ сурат мегирад.

5. Шахси воқеие, ки тибқи қонуни шахсии худ дорои қобилияти амали граждані намебошад, агар ӯ дар маҳали анҷом додани аҳд қобили амал бошад, ҳуқуқ надорад ба ғайри қобили амал будани худ истинод кунад, ба истиснои ҳолати исботи он, ки дар мавриди ғайри қобили амал будани ӯ тарафи дигар медонист ё пешакӣ мебоист огоҳ гардад.

6. Ғайри қобили амал ё маҳдуди қобили амал эътироф намудани шахси воқеӣ дар Тоҷикистон ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ аст.

### Моддаи 1202. Бедарак ғоибшуда ё фавтида эълон намудани шахси воқеӣ

Дар Тоҷикистон бедарак ғоибшуда ё фавтида эълон намудани шахси воқеӣ тибқи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

### Моддаи 1203. Номи шахси воқеӣ

Ҳуқуқи шахси воқеӣ ба ном, истифода ва ҳифзи он бо қонуни шахсии ӯ муайян карда мешавад, агар тартиби дигареро ҳамин Кодекс ё қонунҳои дигар пешбинӣ накарда бошанд.

## Моддаи 1204. Бақайдгирии санадҳои ҳолати шаҳрвандии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бақайдгирии санадҳои граждании шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, дар муассисаҳои консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд. Дар ин ҳолат санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

## Моддаи 1205. Эътирофи ҳуҷҷатҳое, ки мақомоти давлати хориҷӣ барои тасдиқи санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ додаанд

Ҳуҷҷатҳое, ки мақомоти салоҳиятдори давлати хориҷӣ барои тасдиқи санадҳои ҳолати шаҳрвандӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунҳои давлатҳои дахлдори ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд додаанд, ҳангоми расмӣ будани онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақиқӣ эътироф карда мешаванд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

## Моддаи 1206. Қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ

Қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқи кишваре ҳисобида мешавад, ки дар он ҷо шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст.

## Моддаи 1207. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахси ҳуқуқӣ

1. Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандӣ ва қобилияти амалкунии шахси ҳуқуқӣ бо қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

2. Шахси ҳуқуқии хориҷӣ наметавонад ба маҳдудияти ваколатҳои мақом ё намояндаи он барои бастани аҳдҳои ба ҳуқуқ номаълуми кишваре, ки дар он мақом ё намояндаи шахси ҳуқуқии хориҷӣ аҳдро ба имзо расонидааст, такя намояд.

3. Қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандӣ ва қобилияти амалкунии ташкилоти хориҷӣ, ки бо ҳуқуқи хориҷӣ шахси ҳуқуқӣ намебошад, бо ҳуқуқи кишваре, ки ин ташкилот ташкил карда шудааст, муайян карда мешавад.

Ба фаъолияти ҳамин гуна ташкилот, агар ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда бошад, меъёрҳои ҳамин Кодекс, ки фаъолияти шахси ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратӣ бударо ба танзим меоранд, татбиқ карда мешавад, агар аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё моҳияти ӯҳдадорӣ тартиби дигаре барнаояд.

## Моддаи 1208. Иштироки давлатҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандии дорои унсурҳои хориҷӣ

Ба муносибатҳои ҳуқуқии шаҳрвандии бо унсурҳои хориҷӣ мураккабгашта меъёрҳои ҳамин фасл дар асоси умумӣ татбиқ карда мешаванд, агар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накунанд.

### § 2. Ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ ва ҳифзи онҳо

## Моддаи 1209. Ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ ва ҳифзи онҳо

1. Ҳуқуқҳои шахсии ғайриамволӣ бо қонуни шахсии субъект амалӣ карда мешаванд, агар санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

2. Ба ҳуқуқи шахсии ғайриамволӣ ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷо амал ё ҳолати дигар ҷой дошт ва барои талаби ҳифзи ҳамин гуна ҳуқуқҳо асос шуда буд, татбиқ карда мешавад.

### § 3. Аҳдҳо. Намояндагӣ. Мӯҳлати даъво.

## Моддаи 1210. Шакли аҳдҳо

1. Шакли аҳдҳо ба ҳуқуқи маҳали ба имзо расидани он тобеъ аст. Аммо аҳди дар хориҷа басташуда наметавонад дар натиҷаи риоя нагардидани шаклҳо беэътибор дониста шавад, агар талаботи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя шуда бошад.

2. Аҳди иқтисоди хориҷӣ, ки яке аз иштирокчиёни он шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, сарфи назар аз маҳали ба имзо расидани аҳд дар шакли хаттӣ ба имзо расонида мешавад.

3. Шакли аҳд вобаста ба амволи ғайриманқул ба ҳуқуқи кишваре тобеъ аст, ки ин амвол воқеъ гардидааст, аммо нисбати амволи ғайриманқул ва ҳамчунин воситаи нақлиёт ва амволи дигар, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мешавад.

## Моддаи 1211. Ваколатнома

Шакл ва мӯҳлати амали ваколатнома бо ҳуқуқи кишваре, ки ваколатнома дода шудааст, муайян карда мешавад. Аммо ваколатнома наметавонад дар натиҷаи риоя накардани шакл беэътибор эътироф карда шавад, агар он талаботи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонеъ гардонад.

## Моддаи 1212. Мӯҳлати даъво

1. Мӯҳлати даъво бо ҳуқуқи кишваре, ки барои танзими муносибати дахлдор татбиқ мегардад, муайян карда мешавад.

2. Талаботе, ки ба онҳо мӯҳлати даъво дахл надорад, бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, агар яке аз иштирокчиёни муносибатҳои дахлдор шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

**§ 4.Ҳуқуқи ашё**

## Моддаи 1213. Муқарраароти умумӣ оид ба ҳуқуқе, ки нисбат ба ҳуқуқи ашё татбиқ карда мешавад

1. Мазмуни ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашё ба моликияти манқул ва ғайриманқул ва ҳамчунин татбиқи онҳо бо ҳуқуқи кишваре, ки ин моликият дар он ҷо воқеъ гардидааст, муайян карда мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

2. Мансубияти амвол ба ашёи ғайриманқул ё манқул ва ҳамчунин бандубасти дигари ҳуқуқии амвол бо ҳуқуқи кишваре, ки ин амвол дар он ҷо воқеъ гардидааст, муайян карда мешавад.

## Моддаи 1214. Ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқи ашё

1. Ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқи ашё ба амвол бо ҳуқуқи кишваре муайян карда мешавад, ки ин амвол дар лаҳзаи амал ё ҳолати дигар, ки барои ба миён омадан ё қатъ гардидани ҳуқуқи ашё асос гардидааст, дар он ҷо воқеъ гардида буд, агар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошанд.

2. Ба вуҷуд омадан ва қатъ гардидани ҳуқуқи ашё ба амвол, ки предмети аҳд мебошад, бо ҳуқуқи кишваре, ки ин аҳд тобеи он мебошад, муайян карда мешавад, агар созишномаи тарафҳо тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

3. Ба вуҷуд омадани ҳуқуқи моликият ба амвол вобаста ба мӯҳлати бадастоварӣ тибқи ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки дар лаҳзаи ба охир расидани мӯҳлати бадастоварӣ амвол дар он қарор дошт.

## Моддаи 1215. Ҳуқуқи ашё ба воситаҳои нақлиёт ва амволи дигаре, ки бояд ба феҳристи давлатӣ ворид карда шаванд

Ҳуқуқи ашё ба воситаҳои нақлиёт ва амволи дигар, ки бояд ба феҳристи давлатӣ ворид карда шаванд, бо ҳуқуқи кишваре, ки ин воситаҳои нақлиёт ё амвол ба феҳристи давлатӣ ворид карда шудаанд, муайян карда мешавад.

## Моддаи 1216. Ҳуқуқи ашё ба амволи манқули дар роҳ қарордошта

Ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашё ба амволи манқули тибқи аҳд дар роҳ қарордошта бо ҳуқуқи кишваре, ки аз он ин амвол ирсол шудааст, муайян карда мешавад, агар бо созишномаи тарафҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад.

### Моддаи 1217. Ҳифзи ҳуқуқи ашё

1. Ба ҳифзи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашё ҳуқуқи кишваре, ки ин амвол дар он қарор дорад ё ҳуқуқи кишвари суд татбиқ карда мешавад.

2. Ба ҳифзи ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи дигари ашёи ғайриманқул ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки дар он ин амвол воқеъ гардидааст. Нисбат ба амволе, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

**§ 5. Ӯҳдадориҳои шартномавӣ**

### Моддаи 1218. Интихоби ҳуқуқ бо созишномаи тарафҳои шартнома

1. Муносибатҳои шартномавӣ бо ҳуқуқи кишвари бо созишномаи тарафҳо интихобшуда танзим карда мешавад, агар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошанд.

2. Созишномаи тарафҳо оид ба интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда бояд пурра баён шуда бошад ё аз шартҳои шартнома ва ҳолатҳои кори дар маҷмӯъ баррасишаванда мустақиман барояд.

3. Тарафҳои шартнома татбиқи ҳуқуқро барои тамоми шартнома ё барои як қисми алоҳидаи он метавонанд интихоб намоянд.

4. Интихоби татбиқи ҳуқуқро тарафҳои шартнома метавонанд дар вақти дилхоҳ ҳангоми бастани шартнома ё минбаъд анҷом диҳанд. Тарафҳо метавонанд дар вақти дилхоҳ оид ба тағйир додани ҳуқуқи ба шартнома татбиқшаванда созиш банданд.

5. Интихоби ҳуқуқе, ки бояд татбиқ шавад ва тарафҳо баъди бастани шартнома анҷом додаанд, қувваи бозгашт дорад ва аз лаҳзаи бастани шартнома эътибор пайдо мекунад.

### Моддаи 1219. Ҳуқуқе, ки ҳангоми набудани созиши тарафҳо бо шартнома татбиқ карда мешавад

1. Ҳангоми набудани созиши тарафҳои шартнома дар хусуси татбиқи ҳуқуқ ба ҳамин гуна шартнома ҳуқуқи кишваре, ки дар он яке аз тарафҳо таъсис ёфтааст, истиқоматгоҳ ё макони асосии фаъолият дорад ва:

а) дар шартномаи хариду фурӯш - фурӯшанда;
б) дар шартномаи ҳадя - ҳадякунанда;
в) дар шартномаи кирояи (иҷораи) амвол-иҷорадеҳ ё кироядеҳ;
г) дар шартномаи истифодаи ройгони амвол - қарздиҳанда;
д) дар шартномаи пудрат – пудратчӣ;
е) дар шартномаи ҳамлу нақл – боркашон;
ё) дар шартномаи экспедитсияи нақлиётӣ – экпедитор;
ж) дар шартномаи қарз ё шартномаи кредит – кредитор;
з) дар шартномаи супориш – вакил;
и) дар шартномаи комиссия – комиссионер;
к) дар шартномаи нигоҳдошт – нигоҳбон;
л) дар шартномаи суғурта – суғуртакунанда;
м) дар шартномаи замонат – зомин;
н) дар шартномаи гарав – гаравдеҳ;
о) дар шартномаи литсензионӣ оид ба истифодаи ҳуқуқи мустасно – литсензиар;
п) дар шартномаи маблағгузорӣ таҳти супоридани дархостҳои пулӣ – агенти молиявӣ;
р) дар шартномаи пасандози (депозити) бонкӣ ва шартномаи ҳисобномаи бонкӣ - бонк;
с) дар шартномаи агент – агент;
т) дар шартномаи консессияи тиҷоратӣ – дорандаи ҳуқуқ мебошанд.

2. Ҳангоми набудани созиши тарафҳо оид ба татбиқи ҳуқуқ ба шартнома ҳуқуқи кишваре, ки бо он шартнома нисбатан зичтар алоқа дорад, татбиқ карда мешавад. Шартнома бо ҳуқуқи кишваре нисбатан зичтар алоқаманд ҳисобида мешавад, ки дар он ҷо истиқоматгоҳ ё маҳали фаъолияти асосии тарафе, ки шартномаро иҷро мекунад ва барои нигоҳдории шартнома аҳамияти ҳалкунанда дорад, агар аз қонун ё шарти шартнома тартиби дигаре барнаояд.

3. Ба ҳуқуқу ӯҳдадориҳо оид ба шартнома, ки предмети он амволи ғайриманқул мебошад ва ҳамчунин бо шартнома оид ба идораи ба боварӣ асосёфтаи амвол ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки амвол дар он воқеъ гардидааст, аммо нисбати амволе, ки

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Феҳристи давлатӣ ворид карда шудааст – ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

4. Ҳангоми набудани созишномаи тарафҳои шартнома оид ба татбиқи ҳуқуқ, сарфи назар аз муқаррароти қисми 1 ҳамин модда, татбиқ карда мешаванд:

а) нисбат ба шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ) – ҳуқуқи кишваре, ки асосан дар он ҷо фаъолияти ҳамин гуна ширкат анҷом дода мешавад;

б) нисбат ба фаъолияти муштарак ва пудрати сохтмонӣ, пудрат ба корҳои лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯӣ – ҳуқуқи кишваре, ки ҳамин гуна фаъолият анҷом дода мешавад ё натиҷаҳои пешбининамудаи шартнома ташкил карда мешаванд;

в) ба шартномаҳое, ки тибқи ҷамъбасти савдои оммавӣ (тендер, музояда) ё дар биржа баста шудаанд – ҳуқуқи кишваре, ки савдои оммавӣ (тендерҳо, музоядаҳо) гузаронида мешавад ё биржа воқеъ гардидааст.

5. Ба шартномаҳое, ки дар қисмҳои 1-3 ҳамин модда номбар нашудаанд, ҳангоми набудани созиши тарафҳо оид ба татбиқи ҳуқуқ, ҳуқуқи кишвари тарафе татбиқ карда мешавад, ки таъсис ёфтааст, истиқоматгоҳ дорад ва ҷойи асосии фаъолияти он мебошад ва иҷрои дорои аҳамияти ҳалкунандаро барои ҳамин гуна шартнома анҷом медиҳад. Ҳангоми ғайриимкон будани муайянкунии иҷрои дорои аҳамияти ҳалкунанда барои нигоҳ доштани шартнома ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки бо он шартнома нисбатан зичтар вобаста аст.

6. Нисбат ба қабули иҷрои шартнома ҳуқуқи ҷойи гузаронидани ҳамин гуна қабул ба эътибор гирифта мешавад, чунки тарафҳо тартиби дигарро мувофиқа накардаанд.

7. Агар дар шартнома истилоҳоти тиҷоратии савдо дар аҳдҳои байналмилалӣ қабулгардида истифода шаванд, пас ҳангоми дар шартнома набудани нишондодҳои дигар ба ҳисоб гирифта мешавад, ки тарафҳо нисбат ба онҳо татбиқ гардидани анъанаҳои мубодилаи кориро дар муносибати мавҷудаи истилоҳоти дахлдори тиҷоратӣ мувофиқа кардаанд.

## Моддаи 1220. Ҳуқуқе, ки ба шартнома дар бораи таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо иштироки хориҷиён татбиқ мешавад

1. Ба шартномаи таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо иштироки хориҷиён ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки дар он ҷо шахси ҳуқуқӣ таъсис ва тасдиқ шудааст.

2. Муносибатҳое, ки ҳамин модда танзим мекунад, муносибатҳои ташкил ва қатъи шахси ҳуқуқӣ, таҳвили ҳиссаи иштирок дар он ва муносибатҳои дигарро байни иштирокчиёни шахси ҳуқуқӣ, ки бо ҳуқуқу ӯҳдадориҳои мутақобила вобаста мебошанд, аз ҷумла бо созишномаҳои минбаъда муайяншударо дар бар мегиранд.

3. Муқаррароти ҳамин модда ҳамчунин дар ҳолатҳои муқаррар намудани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои иштирокчиёни шахси ҳуқуқӣ бо иштироки хориҷён бо ҳуҷҷатҳои дигари таъсисотӣ татбиқ карда мешавад.

## Моддаи 1221. Ҳуқуқе, ки барои гузашткунии талабот ва гузаронидани қарз татбиқ карда мешавад

1. Ҳуқуқе, ки ба созишномаи байни кредитори ибтидоӣ ва нав оид ба гузашткунии талабот бояд татбиқ гардад ва ҳамчунин байни қарздори ибтидоӣ ва нав оид ба гузаронидани қарз тибқи меъёрҳои моддаи 1219 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

2. Ҳаҷми иҷозатдиҳии гузашткунии талабот байни кредиторо-ни нав ва қарздор ва шартҳое, ки тавассути онҳо ин талабот мумкин аст аз тарафи кредитори нав ба қарздор пешниҳод карда шавад ва ҳамчунин шартҳои иҷро аз тарафи қарздор бо ҳуқуқи татбиқшавандаи талабот, ки предмети гузашткунӣ мебошад, муайян карда мешавад.

3. Ҳаҷми иҷозатдиҳии гузаронидани қарз байни қарздори ибтидоӣ ва нав, шартҳои гузаронидан ва ҳамчунин иҷрои зарурӣ бо ҳуқуқи кишваре, ки бояд ба гузаронидани қарз татбиқ шавад ва предмети қарз мебошад, муайян карда мешавад.

## Моддаи 1222. Доираи амали ҳуқуқи татбиқшаванда

1. Ҳуқуқе, ки вобаста ба шартнома тибқи муқаррароти ҳамин параграф татбиқ карда мешавад, аз ҷумла инҳоро дар бар мегирад:

-маънидодкунии шартнома;
-ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафҳо;
-иҷрои шартнома;
-оқибати иҷро накардан ё иҷрои ғайриқаноатбахши шартнома;
-қатъи шартнома;
-асосҳо ва оқибати беэътибор гардидани шартнома;

-гузашткунии талабот ва гузаронидани қарз вобаста ба шартнома.

2. Вобаста ба усулҳо ва расмиёти иҷро ва ҳамчунин чораҳое, ки бояд дар ҳолати иҷрои ғайриқаноатбахш қабул карда шаванд, ба ғайр аз ҳуқуқи татбиқшаванда ҳамчунин ҳуқуқи кишваре ба эътибор гирифта мешавад, ки дар он иҷро анҷом мегирад.

## Моддаи 1223.Ӯҳдадорӣ аз аҳдҳои яктарафа

1. Ҳуқуқи татбиқшаванда нисбати ӯҳдадориҳои аз аҳдҳои яктарафа ба амалоянда, агар дар санадҳои қонунгузорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, бо ҳуқуқи кишваре, ки истиқоматгоҳ ё ҷои фаъолияти асосии тарафи оид ба аҳдҳои яктарафа ба худ ӯҳдадорӣ гирифта муайян карда мешавад.

2. Мӯҳлати амали ваколатнома ва асосҳои қатъ гардидани он бо ҳуқуқи кишваре, ки ваколатнома дода шуда буд, муайян карда мешавад.

## Моддаи 1224. Татбиқи ҳуқуқ оид ба муносибатҳои пардохти фоизҳо

Асосҳои ситонидан, шартҳо ва тартиби маблағгузаронӣ ва ҳамчунин андозаи фоизҳо оид ба ӯҳдадориҳои пулӣ бо ҳуқуқи кишваре, ки бояд бо ӯҳдадории дахлдор татбиқ шаванд, муайян карда мешавад.

**§ 6.Ӯҳдадориҳои ғайришартномавӣ**

## Моддаи 1225. Ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба миён меоянд

1. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳо оид ба ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар ба амал меоянд, бо ҳуқуқи кишваре, ки амал ё ҳолати дигар ҷой дошт ва барои талаботи баргардонидани зарар асос шуда буд, муайян карда мешавад.

2. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳо оид ба ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи расонидани зарар дар хориҷа ба амал омадаанд, агар тарафҳо шаҳрванд ё шахсони ҳуқуқии ҳамон як давлат бошанд ё дар як давлат истиқоматгоҳ дошта бошанд, бо ҳуқуқи ин давлат муайян карда мешаванд.

3. Баъди содир гардидани амал ё пеш омадани ҳолати дигаре, ки дар натиҷа зарар расонида шудааст, тарафҳо метавонанд оид ба татбиқи ӯҳдадории дар натиҷаи расонидани зарар ба амаломада ҳуқуқи кишвари судро созиш намоянд.

4. Агар амал ё ҳолати дигар, ки барои талаби гардонидани зарар асос шуда бошад ва ба санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набошанд, ҳуқуқи хориҷӣ татбиқ намешавад.

## Моддаи 1226. Соҳаи амали ҳуқуқи татбиқшаванда ба ӯҳдадориҳои дар натиҷаи расонидани зарар ба миёномада

Ҳуқуқи татбиқшаванда ба ӯҳдадориҳои дар натиҷаи расонидани зарар бамиёномада инҳоро дар бар мегирад:

а) қобилияти шахс ҷиҳати анҷом додани ҷавобгарӣ барои зарари расонидашуда;

б) гузоштани ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ба зиммаи шахсе, ки зарар нарасондааст;

г) асосҳои маҳдудкунӣ ва озод намудан аз масъулият;

д) тарзҳои ҷуброни зарар;

е) ҳаҷм ва андозаи ҷуброни зарар.

## Моддаи 1227. Ҷавобгарӣ барои зарари ба истеъмолкунанда расонидашуда

1. Ба талаботи ҷуброни зарари истеъмолкунанда, ки вобаста ба хариди амвол, иҷрои корҳо ё хизматрасонӣ ба миён омадааст, тибқи интихоби истеъмолкунанда татбиқ карда мешавад:

а) ҳуқуқи кишваре, ки истиқоматгоҳ ё маҳали фаъолияти истеъмолкунанда ҷойгир аст;

б) ҳуқуқи кишваре, ки истиқоматгоҳ ё маҳали ҷойгиршавии истеҳсолкунанда ё шахсе, ки хизмат расонидааст, ҷойгир аст;

в) ҳуқуқи кишваре, ки истеъмолкунанда молро харидааст, дар як ҷо кор иҷро шудааст ё ба ӯ хизмат расонида шудааст.

2. Агар ҷабрдида ҳуқуқи интихобро истифода набурда бошад, ҳуқуқи татбиқшаванда тибқи моддаи 1225 ҳамин Кодекс муайян карда мешавад.

## Моддаи 1228. Ҳуқуқҳои татбиқшаванда ба ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи рақобати бевиҷдонона ба миён меоянд

Ба ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи рақобати бевиҷдонона ба миён меоянд, ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки ба бозори он ҳамин гуна рақобат дахл намудааст, агар аз санадҳои қонунгузорӣ ё моҳияти ӯҳдадорӣ тартиби дигаре барнаояд.

## Моддаи 1229. Дорошавии беасос

1. Ба ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи дорошавии беасос ба миён меоянд, ҳуқуқи кишваре, ки ин дорошавӣ ҷой дошт, татбиқ мешавад.

2. Агар дорошавии беасос дар натиҷаи аз байн рафтани асосҳое, ки бо он амвол харидорӣ ё ғун шудааст, ба миён ояд, ҳуқуқи татбиқшаванда бо ҳуқуқи кишваре, ки ин асос тобеъ карда шудааст, муайян карда мешавад.

3. Мафҳуми дорошавии беасос бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**§ 7.Моликияти зеҳнӣ**

## Моддаи 1230. Ҳуқуқ ба моликияти зеҳнӣ

1. Ба моликияти зеҳнӣ ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки дар он ҷо ҳифзи ин ҳуқуқҳо пурсида мешавад.

2. Шартномаҳое, ки предмети онҳо ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мебошанд, бо ҳуқуқе танзим мешаванд, ки бо муқаррароти ҳамин фасл оид ба ӯҳдадориҳои шартномавӣ муайян карда шудаанд.

**§ 8.Ҳуқуқи мерос**

## Моддаи 1231. Муносибатҳо оид ба меросгирӣ

Муносибатҳо оид ба меросгирӣ бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷо меросгузор охирин истиқоматгоҳи доимӣ дошт муайян карда мешавад, агар меросгузор дар васиятнома ҳуқуқи кишвареро, ки шаҳрванди он мебошад, интихоб накарда бошад.

## Моддаи 1232. Қобилияти шахс оид ба таҳия ва бекор кардани васиятнома, шакли васиятнома ва санади бекор кардани он

Қобилияти шахс оид ба таҳия ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома ва санади бекор кардани он бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он ҷо меросгузор дар лаҳзаи таҳияи санад истиқоматгоҳи доимӣ дошт, муайян карда мешавад, агар меросгузор дар васиятнома ҳуқуқи кишвареро, ки шаҳрванди ӯ мебошад, интихоб накарда бошад. Аммо васиятнома ё бекор кардани он наметавонад дар натиҷаи риоя накардани шакл беэътибор ҳисобида шавад, агар васиятнома талаботи ҳуқуқи маҳали таҳияи санад ё талаботи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонеъ намояд.

## Моддаи 1233. Меросгирии амволи ғайриманқул ва амволе, ки бояд ба феҳристи давлатӣ ворид карда шавад

Меросгирии амволи ғайриманқул бо ҳуқуқи кишваре, ки дар он воқеъ гардидааст ва амволе, ки ба феҳристи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудааст, бо ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Бо ҳамин ҳуқуқ қобилияти шахс ба таҳия ва бекор кардани васиятнома, инчунин шакли васиятнома, агар амволи номбаркарда васият карда шавад, муайян карда мешавад.

**§ 9. Васоят ва парасторӣ**

## Моддаи 1234. Васоят ва парасторӣ

1. Васоят ва парасторӣ нисбати ноболиғон, шахсони ғайри қобили амал ё шахсони болиғи қобилияти амалашон маҳдуд бо қонуни шахсии ин шахс муқаррар ва бекор карда мешавад, ки нисбати он васоят ва парасторӣ муқаррар ё бекор карда мешавад.

2. Ӯҳдадории васӣ (парастор) оид ба қабули васоят (парасторӣ) бо қонуни шахсии шахсе, ки васӣ (парастор) таъин мешавад, муқаррар ё муайян карда мешавад.

3. Муносибати ҳуқуқии байни васӣ (парастор) ва шахси таҳти васоят (парасторӣ) қарордошта бо ҳуқуқи муассисаи кишваре, ки васиро (парастор) таъин намудааст, муайян карда мешавад. Аммо агар шахси таҳти васоят қарордошта (парасторӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ намояд, ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар вай барои ин шахс нисбатан қобили қабул бошад, татбиқ карда мешавад.

4. Васояти (парастории) ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамуда, ки берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунад, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътиборнок ҳисобида мешавад, агар бар зидди муқаррар намудани васоят ва парсторӣ ё бар зидди эътироф намудани он эътирозҳои ба қонун асосёфтаи муассисаҳои дахлдори консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд набошанд.

**ҚОНУНИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДАР БОРАИ ҚАБУЛ ВА МАВРИДИ АМАЛ ҚАРОР ДОДАНИ ҚИСМИ СЕЮМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Моддаи 1. Қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад.

Моддаи 2. Фасли чорум «Ҳуқуқи муаллифӣ», фасли панҷум «Ҳуқуқҳои кашфкунӣ», фасли шашум «Ҳуқуқи ихтироъкорӣ, таклифи ратсионализаторӣ ва намунаи саноатӣ», фасли ҳафтум «Ҳуқуқи меросӣ», фасли ҳаштум «Қобилияти ҳуқуқдории гражданинҳои хориҷӣ ва шахсони бегражданият. Татбиқи қонунҳои граждании давлатҳои хориҷӣ ва шартномаҳои байналхалқӣ»-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон  аз 28 декабри соли 1963 «Дар бораи тасдиқ кардани Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи онҳо ба фаслҳои ишорашудаи ҳамин Кодекс тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, аз эътибор соқит дониста шаванд.

Моддаи 3. Қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки баъди мавриди амал қарор додани он ба вуҷуд омадааст, истифода бурда мешавад.

Моддаи 4. Қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Э.Раҳмонов**

**ш. Душанбе  1 марти соли 2005**
**№ 84**